Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар соли 2019 бо истифодаи "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот"

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., №АП-1146 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с., "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд қарори раиси вилояти Хатлон аз 17 январи соли 2019, №18 ба имзо расидааст. Инчунин қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят бо нақша чорабиниҳо ба тавсиб расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша чорабинии Амр бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

Дар соли 2019 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз мақомоти болоӣ, ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо 26586 адад ҳуҷҷатҳои гуногун ворид гардид, ки нисбат ба соли 2018-ум 3174 адад зиёд мебошад. Аз ҷумла аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Амр, Фармон ва супоришҳо) қарорҳои Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ - 642 адад, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, - 108 адад, мактуб ва протоколҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 567 адад ворид гардидаанд.

Оид ба таъминоти расмиёти ҳуқуқӣ ва шумораи Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суроғаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қайд менамоем, ки дар соли 2019 ба унвонии мақомот 22 адад Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 79 адад қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 32 адад қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33 адад Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст. Ҳамагӣ бобати 9 адад Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 адад қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори дахлдори раиси вилоят қабул гардида, ба 40 адад Қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳо вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда пешниҳод шудааст.

Бештари маълумотҳои матнӣ ба замимаҳо мувофиқат намекунанд, ё худ ба шакли пешин пешниҳод карда мешаванд. Масалан дар давраи ҳисоботи ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи А.Ҷомӣ Фармону Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 адад, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 адад, санадҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 адад ворид гардида, ин рақамҳо нисбати нуҳмоҳаи соли 2019 бетағийр монда, дар ҳисобот маълумот мавҷуд нест.

Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ.Балхӣ дар ҷамъбасти соли 2019 69 адад, (дар ҳисобот маълумот мавҷуд нест), ноҳияи Левакант 60 адад (бетағйир), ноҳияи Ҳамадонӣ 56 адад, ноҳияи Вахш 47 адад, ноҳияи Ёвон 45 адад, ноҳияи Фархор 40 адад (бетағйир), ноҳияи Ховалинг 39 адад, ноҳияи Хуросон 37 адад (бетағйир), ноҳияи Восеъ 37 адад, ноҳияи Муъминобод 36 адад (бетағйир), ноҳияи Балҷувон 30 адад, ноҳияи Кушониён 30 адад (бетағйир), ноҳияи Н.Хусрав 25 адад, ноҳияи Темурмалик 20 адад (бетағйир), ноҳияи Дӯстӣ 19 адад (бетағйир), ноҳияи Ҷайҳун 15 адад (бетағйир), шаҳри Бохтар 6 адад, ноҳияи Қубодиён 6 адад (дар ҳисобот маълумот мавҷуд нест), шаҳри Кӯлоб 2 адад (бетағйир), (дар ҳисобот маълумот мавҷуд нест) шаҳри Норак 9 адад (бетағйир), Ш. Шоҳин 5 адад (бетағйир) маълумот нопурра, ноҳияи Шаҳритуз 6 адад (бетағйир) маълумот нопурра, пешниҳод карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал дар асоси супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли намунавии ҳисоботҳо пешниҳод гардида бошанд ҳам, масъулини шаҳру ноҳияҳо ва дастгоҳи раиси вилоят ҷиҳати пурра ба талабот ҷавобгӯ намудани маълумотҳо ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Левакант, Муъминобод, Хуросон, Кушониён, Дӯстӣ, Шаҳритуз, Норак, Ш. Шоҳин, Шаҳритуз, Ҷайҳун, Темурмалик. шумораи воридшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бетағйир монадаанд,

## 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:

### 2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»:

#### 2.1.1. Раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он

Аз маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бармеояд, ки дар вилоят дар 24 шаҳру ноҳияҳо Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди амал қарор дорад.

Ҳамзамон маълум гардид, ки мӯҳлати татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ховалинг ба охир расида, айни замон аз

ҷониби гурӯҳи корӣ лоиҳаи барномаи нави ноҳия таҳрезӣ шуда истодааст.

Инчунин, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025 таҳия гардида, дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Аз шумораи умумии барномаҳо, ки дар вилояти Хатлон амалӣ мегарданд, дар 19 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барномаҳо бо қарори маҷлиси вакилони халқ тасдиқ гардида, дар 5 шаҳру ноҳияи вилоят (шаҳрҳои Кӯлоб ва Норак, ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Қубодиён ва Хуросон) барномаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 23 декабри соли 2015, №105 тасдиқ гардидааast, 279 лоиҳаро ба маблағи 10,9 миллиард сомонӣ дар бар мегирад. Аз давраи амалишавии барнома иҷрои 75 лоиҳа ба маблағи 10,5 миллиард сомонӣ таъмин гардид, ки 95,6 фоизи маблағҳои барномаро ташкил дода, дар 47 лоиҳаҳои дигар корҳо қисман иҷро гардида, дар 157 лоиҳаҳо бинобар сабаби муайян набудани манбаи маблағгузории онҳо корҳо оғоз нагардиданд.

Дар таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ доир ба амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он нишондиҳандаи баланд дар азхудкунии маблағҳои ба нақша гирифта шуда дар шаҳри Норак (2016-2020) - 71,7%, ноҳияи Муъминобод (2016-2020) -68,3%, ноҳияи Фархор (2016-2020) – 68,1%, Ҷ.Балхӣ (2016-2020) -67,0%, шаҳри Бохтар (2016-2020) - 61,1%, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (2016-2020) – 54,3%, Дӯстӣ (2016-2020) – 52,1%, шаҳри Кӯлоб (2015-2019) -51,3%, ноҳияи Ҷайҳун (2016-2020) 50,5% ва ноҳияи Данғара (2016-2020) - 50,0% ба назар расида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Вахш (2016-2020) -41,7%, Шамсиддин Шоҳин (2016-2020) -40,1%, Хуросон (2016-2020) -34,2%, Қубодиён (2016-2020) -36,0%, шаҳри Леваканд (2016-2020) -32,0% Носири Хусрав (2015-2019) -27,3%, А.Ҷомӣ (2016-2020)-26,6%, Темурмалик (2016-2020) -30,6% Восеъ (2016-2020)-30,7% ва Панҷ (2019-2020)-26,6% буда, барои истифодаи захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявии ин шаҳру ноҳияҳо тақвият додани фаъолиятро дар самти азхудкунии маблағҳо тақозо менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро лозим аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва дигар шарикони рушд барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои иҷроишашон аз ҷониби мақомотҳои марказии дар

Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ гардида, ба роҳ мондани фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии барномаҳо, барои истифодаи натиҷаи фаъолияти онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомотҳои иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

**2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмак молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Дар самти ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои маблағгузоришуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 17,000 ҳазор сомонӣ, Данғара 9712 сомонӣ ва шаҳри Норак 2000 сомонӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст, ки ба самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ин шаҳру ноҳияҳо мусоидат намудааст.

Мутаассифона вобаста ба банди мазкур аз дигар шаҳру ноҳияҳо дар ҳисоботҳо маълумот дарҷ нашудааст.

Пешниҳод: Ба истиснои шаҳру ноҳияҳои болозикр мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

**2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида (банди 59 паём).**

**Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ"**

Дар соли 2019 шумораи умумии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар вилоят 2130 ададро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 152 адад кам гардидааст.

Дар робита ба таҳлили вазъи муроҷиати шаҳрвандон дар соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муайян карда шуд, ки шумораи баланди муроҷиати шаҳрвандон дар ноҳияи Темурмалик 2204 адад ба қайд гирифта шуда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1289 адад зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Дустӣ +1221 (3333 адад), А. Ҷомӣ +1200 (4205), Вахш +1117 (3899 адад), Ёвон +1077 (5161 адад), Қубодиён +506 (5666 адад), Ҳамадонӣ +365 (1530 адад), Данғара +274 (1025 адад), Н. Хусрав +99 (2240 адад) ва Шаҳритус +11 (2732) - ададро ташкил додааст, ки зиёд гардидани мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳро иникос менамояд.

Ҳамзамон, муроҷиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб -1128 (3770 адад), Норак -775 (1208 адад), Панҷ -769 (3326 адад), Ховалинг - 440 (1523 адад), Муъминобод -429 (1932 адад), Хуросон -286 (1417 адад), Кушониён -256 (2702 адад), Ҷайҳун - 207 (1926 адад), Балҷувон -173 (1157 адад), Восеъ -58 (2776 адад), Ш. Шоҳин -19 (901 адад), Ҷ. Балхӣ -18 (2687 адад) ва Бохтар -15 (1726) адад нисбати соли гузашта кам гардидааст, ки аз сари вақт баррасӣ гардидани муроҷиатҳо, ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт шаҳодат медиҳад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлилҳо муайян намуд, ки зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон дар соли 2019 дар ноҳияи Дустӣ 1216 адад вобаста ба масъалаи қитъаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 490 адад зиёд гардидааст ва чунин ҳолат дар шаҳр ва ноҳияҳои Ёвон +351 (551 адад), Темурмалик +195 (475 адад), Н. Хусрав +63 (969 адад), Ҳамадонӣ +56 (418 адад), Данғара +44 (83 адад), Шаҳритус +33 (612 адад), Ш.Шоҳин +12 (224 адад) ва Ҷ. Балхӣ +9 (826 адад) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар ин раванд вазъи муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳр ва ноҳияҳои Қубодиён -767 (743 адад), Восеъ -395 (763 адад), Кӯлоб -380 (704 адад), Кушониён -338 (1098 адад), Ховалинг -231 (420 адад), Бохтар -224 (273 адад), Панҷ -196 (631 адад), Муъминобод -176 (979 адад), А. Ҷомӣ - 175 (300 адад), Балҷувон -119 (542 адад), Ҷайҳун -62 (396 адад) ва Норак -48 (269) ададро ташкил додааст, ки аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ шумораи муроҷиати шаҳрвандон, ки аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилоят ворид гардидааст 1392 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 165 адад кам гардидааст.

Шумораи муроҷиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои Кӯлоб -62 (224 адад), Данғара - 47 (40 адад), Бохтар -35 (85 адад), Ёвон - 33 (104 адад), Кушониён -30 (169 адад), Ҷ. Балхӣ -21 (13 адад), Норак -15 (24 адад), Ҷайҳун - 14 (27 адад) ва Шаҳритус -13 (31) адад кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо дар ҳалли саривақтии масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои Н. Хусрав +9 (15 адад), Муъминобод +7 (64 адад), А. Ҷомӣ +6 (30 адад), Балҷувон +1 (5 адад), Темурмалик +1 (14 адад) ва Хуросон +1 (30) адад нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд

гардидааст, ки андешидани тадбирҳои иловагиро оид ба ҳалли саривақтии мурочиатҳои шаҳрвандон талаб менамояд.

### 2.2. (2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

### 2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо)

Фаъолияти комиссияҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳр ва ноҳияҳои он тибқи тартиби муқарраргардида дар асоси Низомномаи он ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят, пешниҳоди маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва ноҳияҳо ҷиҳати ба меъёрҳои муосир номгузорӣ намудани объектҳои ҷуғрофие, ки хилофи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мебошанд ба қайд гирифта нашудааст.

Тавре аз таҳлили маълумотҳо муайян гардид, вобаста ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳое, ки доир карда шудаанд, дар арафаи таҷлили “Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардида, дар моҳҳои дигари тақвимӣ дар ин самт чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба татбиқи Қонуни мазкур барои баланд бардоштани рамзи муҳими давлатдории тоҷикон мусоидат намудааст.

### 2.3. (2.3.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

Ҷиҳати иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №835 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қарори Раиси вилоят аз 28 феврали соли 2017, №54 ва нақшаи чорабиниҳо ба тасвиб расида, дар асоси он дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 3293 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ташкилоту муассисаҳо таъсис дода шудааст.

Дар соли 2019 аз ҷониби комиссияҳои мазкур дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда 5412 маротиба сӯҳбату вохӯриҳо дар ташкилоту

муассисаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва маҳалли зисти шаҳрвандон ва 1230 амалиёти муштараки мақсадноки профилактикӣ дар кӯчаю бозорҳо, марказҳои бозиҳои компютерӣ, масҷидҳои ҷомеъ ва панҷвақтаи шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шудааст. Тавассути амалиётҳои мазкур 4970 нафар ноболиғон боздошт карда шуда, нисбати 2600 нафарашон варақаи назоратӣ тартиб дода шудааст. Инчунин, аз ҷониби мақомоти дахлдор, бинобар сабаби риоя накардани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», нисбати 4932 нафар волидон бо моддаи 90 -и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, ба 2883 нафарашон дар умум ба маблағи 373138 сомонӣ ҷарима ва ба 1743 нафарашон огоҳӣ таъин карда шуда, 306 парванда мавриди баррасӣ дар судҳо қарор доранд.

Аз ҷумла, оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғибу ташвиқоти риояи Қонуни мазкур дар шаҳру ноҳияҳои Муъминобод 90 маротиба, Левакант 70 маротиба, Темурмалик 52 маротиба, Фархор 17 маротиба, Ҳамадонӣ 12 маротиба, Балҷувон 10 маротиба, Восеъ 5 маротиба, Бохтар 3 маротиба мулоқоту суҳбатҳо доир карда шуда, барои риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» замина гузоштааст.

## 2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”

Давоми соли ҷорӣ дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 52462 адад маърака баргузор гардидааст, ки аз ин шумора 49090 ададашро туйҳои домодию арӯсӣ ташкил додааст.

Дар ин давра дар вилоят 168 ҳолати қонуншиканиҳо ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 ҳолат зиёд мебошад. Қонуншиканиҳои бақайд гирифташуда дар шаҳр ва ноҳияҳои Данғара +7 (11 ҳолат), А. Ҷомӣ +5 (11 ҳолат), Хуросон +4 (17 ҳолат), Муъминобод +3 (3 ҳолат), Кушониён +3 (13 ҳолат), Кӯлоб +3 (8 ҳолат), Бохтар +2 (4 ҳолат), Вахш +2 (3 ҳолат), Норак +2 (5 ҳолат), Темурмалик +2 (5 ҳолат), Ҳамадонӣ +2 (10 ҳолат), Шоҳин +2 (2 ҳолат), Ҷайҳун +1 (7 ҳолат) ва Балҷувон +1 (1 ҳолат) ба амал омадааст, ки пурзӯр намудани тарғиботу ташвиқот аз ҷониби коммисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаи мазкур ба миён омадааст.

Ҳамин нишондиҳандаҳо дар шаҳру ноҳияҳои Балхӣ -11 (9 ҳолат), Панҷ -4 (2 ҳолат), Восеъ -3 (10 ҳолат), Қубодиён -3 (4 ҳолат), Ховалинг -1 (2 ҳолат), Дустӣ +-0 (9 ҳолат), Ёвон +-0 (9 ҳолат) ва Муъминобод +-0 3 ҳолат қонуншиканиҳо кам ба қайд гирифта шудаанд, ки самаранокии фаъолияти коммисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

Хароҷоти аз ҳама баланд барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳр ва ноҳияҳои Хуросон 5974,0 сомонӣ, Ёвон 4688,1 сомонӣ, Ховалинг 4342,6 сомонӣ, Балхӣ 4295,3 сомонӣ, Кушониён 4127,8 сомонӣ ва Бохтар 4102,2 сомонӣ ба мушоҳида мерасад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳр ва ноҳияҳои Восеъ 3926,5 сомонӣ, Қубодиён 3787,4 сомонӣ, А. Ҷомӣ 3577,1 сомонӣ, Кӯлоб 3248,8 сомонӣ, Вахш 3221,4 сомонӣ, Данғара 3188,8 сомонӣ, Панҷ 3095,9 сомонӣ ва Дӯстӣ 3063,5 сомонро ташкил медиҳад.

Сабабҳои тафовути хароҷоти як маърака байни шаҳру ноҳияҳо омӯзиши худро аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳа талаб намуда, диққати комиссияҳои шаҳру ноҳияҳо ба ҳисобу китоби хароҷоти як маърака ҷалб карда шаванд.

**2.5. (2.5.1) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017 с., №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Шабакаи интернет»:**

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳудуди вилоят 1562 адад компютер мавҷуд буда, аз он 1517 адади он коршоям, шумораи компютерҳои корношоям 41 адад ё 2,6%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ҳаҷми 18 адад зиёд гардидааст ва шумораи нуқтаҳои дастрасӣ дар вилоят ба шабакаи Интернет 254 ададро ташкил додааст, ки нисбати соли гузашта бетағйир мондааст.

Шумораи сомонаҳои расмӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он 48 ададро ташкил додааст.

Дар ноҳияҳои Хуросон шумораи компютерҳо 28 адад, Шаҳритус 36 адад, Қубодиён 31 адад, Ҷ. Балхӣ 29 адад, Вахш 15 адад, Фархор 42 адад ва Данғара 52 ададро ташкил намуда ҳамаи ин компютерҳо коршоям буда, ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллии ин ноҳияҳо мусоидат намудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дараҷаи корношоямии компютерҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо) онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Мӯъминобод 43%, Бохтар +20%, шаҳри Кӯлоб 16,7%, Темурмалик 16%, Ховалинг 12,5% Носири Хусрав 11,1 % Ш.Шоҳин 11,1%, Балҷувон 7,7%, Ёвон 7,7%, ташкил дода, ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллии шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонида, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Дар шаҳри Норак 18 адад нуқтаҳои дастраси ба интернет ва 1 сомона, шаҳри Левакант 8 нуқта/1 сомона, ноҳияҳои Қубодиён 10 нуқта /1 сомона, А.Ҷомӣ 1 нуқта/1 сомона, Муъминобод 2 нуқта/1, Ҳамадонӣ 6/1 сомона, Кушониён 9 нуқта /1 сомона, Ҷайҳун 6/1 сомона, Ховалинг 2 нуқта/ 1сомона, Шаҳритус 2 нуқта /1 сомона, Н. Хусрав 1 нуқта ва 1 сомона, Ёвон 9 нуқта ва 1 сомона, Балҷувон 19 нуқта / 1 сомона, шаҳри Кӯлоб 22 нуқта /1 сомона ва Вахш 3 нуқта ва 1 сомона мавҷуд буда, барои зиёд намудани нуқтаҳои пайвастшавӣ ба интернет беҳтар намудани фаъолиятро тақозо менамояд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи "Интернет" дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

**2.6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

**2.6. (2.6.1, (2.6.2)) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»:**

Доир ба гузаронидани озмун ва аттестатсияи дар ҳудуди вилоят зикр намуд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар соли 2019 3 маротиба дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуда, ба 26 мансабҳои холӣ, парвандаи шахсии 47 нафар довталабон ба Комиссияи озмуни вилоятӣ пешниҳод шуда, ба 22 мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ сазовор гардиданд.

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ», соли ҷорӣ 113 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия фаро гирифта шуданд.

Тибқи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ 108 нафар ё худ 95,5 фоизи аттестатсияшавандагон ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намуда, як нафар Абдуллоева М.Н. ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ номувофиқ дониста шуд.

Ҳамин тариқ тибқи банди 38 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ 13 нафар, ки баҳои миёнаи умумиашон зиёда аз 20 балро ташкил медиҳад, 4 нафар ба захираи кадрҳои роҳбарикунанда, 3 нафар як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ ва ба 6 нафар пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусӣ қарори дахлдори комиссияи аттестатсионӣ қабул гардид.

Дар соли 2019 аз ҷониби 47 нафар кормандони масъули раёсатҳо, шуъбаву бахшҳои дастгоҳи раиси вилоят ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 42 мавзуҳо бо ҷалби 1457 нафар хизматчиёни давлатӣ гузаронида шуд.

Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати ноҳияи Вахш 2 маротиба дар 47 мансабҳои холӣ, 16 нафар довталаб ба мансаби маъмурии хизмати давлатӣ аз тарафи Комиссияи озмунӣ тавсия дода шуда, дар ин давра, 15 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ фаро гирифта шудаанд. Дар давраи ҳисоботӣ оид ба мансабҳои холи маъмурии хизмати давлатӣ дар сохтори дастгоҳи раиси ноҳия 1 мансаб, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 7 мансаб, дар мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот 20 мансаби холӣ ҷамъ 28 мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ мавҷуд мебошад.

Дар соли 2019 ҷойивазкунӣ (ротатсия) кадрҳои роҳбарикунанда амалӣ нашудааст.

Дар ноҳияи Восеъ 8 озмун баргузор гардида 26 нафар **ноҳияи Ёвон** се маротиба озмун гузаронида 29 нафар ба хизмати давлатӣ қабул гардида, 68 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия фаро гирифта шуда, аз 68 нафар хизматчиёни давлатии аттестатсияшаванда 62 нафар ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат карда, 1 нафар, бинобар сабаби паст будани сатҳи донишҳои касбӣ, ҳуқуқӣ ва омодагии суст, ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизматӣ давлатӣ мувофиқат накарда, ба аттестатсия такрорӣ монда шуд, 3 нафар, бинобар сабаби беморӣ, 1 нафар, бинобар сабаби дар курси такмили ихтисос қарор дошта, 1 нафар, бинобар сабаби аз кор озод шудан, дар аттестатсия иштирок карда натавонистанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён дар давраи ҳисоботи 3 маротиба озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии гузаронида шуда, 27 нафар, Кӯлоб 4 маротиба озмун эълон гардида, 20 нафар, Темурмалик 3 маротиба 45 нафар, Фархор 4 маротиба 23 нафар, Ховалинг 5 маротиба 46 нафар довталабон ба мансабҳои давлатӣ таин гардидаанд.

Доир ба озмун аттестатсия аз тарафи як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла Ёвон, Кушониён**,** Левакант, Муъминобод, Панҷ, Н.Хусрав, Хуросон ва Шаҳритуз маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод карда мешавад, ки бо шахсони масъули шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо мақсади бо сифат ва сари вақт гузаронидани озмунҳо семинари омӯзишӣ ба роҳ монда шавад.

### 2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳалӣ хусусан ҷиноятҳои коррупсияонӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин

Бо мақсади пурзӯр гардидани назорати иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз руи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар соли 2019 аз ҷониби прокуратураҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба 230 (соли 2018 – 190) эътирози прокурорӣ нисбати бекор кардани қарорҳо пешниҳод шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +40 адад зиёд мебошад.

Аз ин миқдор эътирозҳо 58 адади онҳо ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои амалкунанда оварда шудаанд. Қисми зиёди қарорҳое, ки эътироз оварда шудаанд, ба масъалаи замин алоқаманд мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки аз 25 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон танҳо дар ду ҳисоботи солонаи ноҳияҳои он оид ба ин банд дарҷ ёфтааст, ки эътирозҳо ба қарори раисони ноҳияҳои Ёвон 6 адад (+6 адад) ва Қубодиён 13 адад (+13 адад) пешниҳод шуда, қарорҳои раисони шаҳру ноҳия бекор карда шудааст, ки масъулони ин шаҳру ноҳияҳоро зарур аст,

ки ба иҷроиши ин банд диққати зарурӣ дода, оянда дар қабули қарорҳо ба санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ такя намуда, ҷиҳати риояи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ чораҳои зарурӣро роҳандозӣ намоянд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, дар ҳамкори бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии раисони шаҳру ноҳияҳои болозикр ҳамчун хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ оид ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ намоянд.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Даромади буҷет, 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо, 3.3. Бақияи қарзи андоз, 3.4. Қарзи музди меҳнат, 3.5. Музди миёнаи меҳнат, 3.6.Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Даромади буҷет

Дар вилоят дар соли 2019 нақшаи даромадҳои давлатӣ (бо дарназардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 100,1 % таъмин гардида, ба буҷетҳои дахлдор 1 млрд 467,9 млн сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 2,2 ҳаз. сомонӣ зиёд буда, нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ворид гардида 179 млн. сомонӣ ё худ 14 % зиёд мебошад.

Саҳми шаҳру ноҳияҳои Балҷувон +10,0 млн.сомонӣ (2,1 маротиба), Ш.Шоҳин +1,5 млн. сомонӣ (102,%), Норак +4,5 млн. сомонӣ (108,0 %), Ховалинг +3,1 млн. сомонӣ (109,0 %), Данғара +8,7 млн. сомонӣ (105,0 %), Темурмалик +0,8 млн. сомонӣ (104,5 %), Дӯстӣ +0,9 млн. сомонӣ (103,0 %), Н. Хусрав +0,3 млн. сомонӣ (102,0 %) ва Ҷ.Балхӣ +1,3 млн.сомонӣ (101,7%) дар зиёд ворид гардидани маблағ ба қисми даромади буҷет назаррас буда, барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо шароити иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ин давра аз ҳисоби иҷро нагардидани нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён – 0,4 млн. сомонӣ (99,4%), Хуросон –0,2 млн. сомонӣ (99,0%), Бохтар – 4,4 млн. сомонӣ (98,0%), Фархор – 2,6 млн. сомонӣ (95,2 %), Қубодиён – 3,8 млн. сомонӣ (93,5 %), Панҷ -1,9 млн. сомонӣ (93,0 %), Восеъ – 5,7 млн. сомонӣ (91,0 %) ва Ҷайҳун – 5,3 млн. сомонӣ (89,5 %) маблағ кам ворид гардидааст, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои мазкур таъсири манфӣ расонида, пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо бо

нозироти андоз зарур мебошад. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби ин шаҳру ноҳияҳо ба буҷети вилоят 24,5 млн. сомонӣ андозҳо ворид карда нашудааст.

Ноҳияҳои А. Ҷомӣ ва Мир Саид Алии Ҳамадонӣ оид ба иҷроиши нақшаҳои қисми даромади буҷет дар соли 2019 маълумот пешниҳод накарданд.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2019 тибқи нақша 1765,0 млн. сомониро ташкил дода, ба андозаи 1687,3 млн. сомонӣ ё 95,6 фоизи таъйинот ба иҷро расонида шуда, барои хароҷот равона карда шудааст. Дар ин давра нисбати нақшаи пешбинишуда ба маблағи 77,7 млн. сомонӣ кам хароҷот гардидааст.

### 3.2. Ҳолати пардохти андозҳо аз рӯи ҳар як намуди он;

Мутаассифона, дар ин давра иҷроиши нақшаи андозҳоро бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 92%, А. Ҷомӣ 79%, Ҷайҳун 96% ва Панҷ 87% таъмин намуданд, ки аз ҳисоби ноҳияҳои зикршуда ба буҷет 19,6 млн. сомонӣ ворид нагардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз уҳдаи иҷрои нақшаи андозҳо (бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Вахш 99%, Қубодиён 89%, А. Ҷомӣ 80%, Ҷайҳун 94%, Панҷ 93% ва Шаҳритус 97% баромада натавонистаанд.

Ҳамзамон, дар ин давра 8 шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро таъмин накарданд. Аз ҷумла, Кӯшониён– 98%, А. Ҷомӣ – 78%, Панҷ- 64%, Ёвон – 92%, М.С.А. Ҳамадонӣ – 97%, Ховалинг 82% ва Норак 92%, ки дар маҷмуъ аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои зикршуда ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 11,5 млн. сомонӣ ворид нагардидааст.

Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бошад дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 89% таъмин гардид ва дар натиҷа ба ҷои 321,6 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимои ва нафақа 286,8 млн. сомони ворид карда шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 34,8 млн сомонӣ кам мебошад. Дар маҷмуъ дар давраи ҳисоботӣ 17 адад шаҳру ноҳияҳои вилоят иҷрои нақшаи андози иҷтимоии буҷетиро аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Бохтар – 86%, Кушониён – 88%, Вахш – 70%, Хуросон – 99%, Қубодиён – 91%, А. Ҷомӣ – 81%, Ҷайҳун – 65,3%, Панҷ - 89%, Шаҳритус – 75%, Кӯлоб – 91%, Муъминобод - 78%, Восеъ - 67%, М.С.А. Ҳамадонӣ - 99%, Фархор – 76%, Ш. Шоҳин – 94%, Балҷувон 97% ва Норак – 98% таъмин накардаанд.

Дар дар вилоят иҷроиши нақшаи 2 намуди андозҳо таъмин нагардид. Аз ҷумла, андоз аз арзиши иловашуда – 83% ва андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ – 97% таъмин гашт, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба буҷет 61,2 млн. сомонӣ ворид нашудааст.

Дар сатҳи вилоят иҷроиши нақшаи 2 намуди андозҳо таъмин нашуда бошад ҳам, нишондиҳандаи мазкур дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Бохтар 2 намуд –5,2 млн. сомонӣ, Кӯшониён 2 намуд – 3,3 млн. сомонӣ,

Вахш -1 намуд – 2,4 млн. Хурсон – 1 намуд 1,2 млн. сомонӣ, Қубодиён – 2 намуд 4,7 млн сомонӣ, Ҷ. Балхӣ – 1 намуд 6,6 млн сомонӣ, А. Ҷомӣ 3 намуд 9,3 млн сомонӣ, Ҷайҳун - 1 намуд 3,2 млн. сомонӣ, Панҷ – 3 намуд 6,9 млн сомонӣ, Шаҳритус 2 намуд 1,9 млн. сомонӣ, Ёвон 3 намуд 49,8 млн сомонӣ, Левакант 1 намуд 2,2 млн сомонӣ, Муъминобод – 1 намуд 423 ҳазор сомонӣ, Восеъ – 2 намуд 1,9 млн. сомонӣ, М.С.А. Ҳамадонӣ - 1 намуд 264 ҳазор сомонӣ, Ховалинг - 1 намуд 1,3 млн сомонӣ, Ш. Шоҳин - 1 намуд 140 ҳазор сомонӣ ва Норак 1 намуд 2,2 млн. сомонӣ таъмин нагардидааст, ки аз ин ҳисоб ба маблағи умумии 111,9 млн. сомонӣ ба даромади буҷет ворид нагардидааст.

Яке аз сабабу омилҳои мусоидаткунанда, ки боиси сифатан таъмин нагардидани нақшаи намудҳои андоз дар фаъолияти шаҳру ноҳияҳои вилоят гардидааст, аз як тараф дар сатҳи дахлдор дуруст ба роҳ намондани маъмурикунонии андозҳо бошад, аз дигар тараф дуруст ба инобат нагирифтани манбаъҳои воқеии андозбандӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо асос шуда метавонад.

Дар маҷмӯъ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби сифатан таъмин нагардидани нақшаи андозҳо ба буҷет 111,5 млн. сомонӣ ворид нагардидааст.

### 3.3 Бақияи қарзи андоз

Аз рӯи маълумотҳои ҷойдошта ба ҳолати 1 январи соли 2020 бақияи қарзи андозҳо дар вилоят 168,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 14,1 млн. сомонӣ кам карда шудааст. Дар сатҳи 21 шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ 15,8 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо кам гардида, дар 4 шаҳру ноҳия ба маблағи 1,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Маблағҳои калони бақияпулиҳои андоз ба дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 19,3 млн сомонӣ, Фархор 10,5 млн. сомонӣ, Кушониён 20,5 млн. сомонӣ, Вахш 12,2 млн. сомонӣ, А.Ҷомӣ 8,6 млн. сомонӣ Темурмалик 8,5 млн. сомонӣ, Данғара 8,5 млн сомонӣ, Восеъ 8,3 млн. сомонӣ, Норак 7 млн. сомонӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 6,2 млн. сомонӣ, шаҳри Бохтар 5,7 млн. сомонӣ, Қубодиён 5,5 мил. сомонӣ, Панҷ 5,3 млн. сомонӣ, Ёвон 4,8 млн. сомонӣ, Ховалинг 3,3 млн. сомонӣ ва Ш. Шоҳин 3,2 млн. сомонӣ рост меояд.

Бақияи қарзи андози иҷтимоӣ бошад, маблағи умумии 82,9 млн. сомонӣ, аз он ҷумла буҷетӣ 22,9 млн. сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 60,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба маблағи 3 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Дар алоҳидагӣ бақияи қарзи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба маблағи 5,5 млн. сомонӣ кам ва буҷетӣ ба маблағи 8,5 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Яъне, зиёдшавии бақияи қарзи андози иҷтимоӣ асосан аз ҳисоби корхонаву ташкилотҳои аз тарафи буҷет маблағгузоришаванда ба ҳисоб меравад.

Маблағҳои бақияпулиҳои андоз ба ҳолати 1 январи соли 2020 нисбат ба аввали сол дар шаҳру ноҳияҳои Норак +2,1 млн.сомонӣ, А.Ҷомӣ +1,1 млн.сомонӣ, Муъминобод +0,8 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки аз

тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо ва нозиротҳои андоз андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор дар давраи ҳисоботӣ ба унвонии 20898 андозсупорандагон огоҳномаи қарздорӣ ба маблағи 187,5 млн. сомонӣ ирсол гардида, аз ин ҳисоб 89,4 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст, ки ҳамагӣ 47,6% ташкил дода, нишондиҳандаи паст ба ҳисоб меравад.

Инчунин, дар ин давра дар вилоят нисбати андозсупорандагони қарздор 3034 адад қарорҳо ба маблағи умумии 101,8 млн. сомонӣ қабул карда шуда, аз ин ҳисоб ба даромади буҷет маблағи 86,2 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки 85%-и маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии 3034 адад қарор, иҷрои 2438 адади он пурра таъмин гардидааст, ки ба 80%-и шумораи умумии қарорҳои мазкур рост меояд.

### 3.4. Қарзи музди меҳнат

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 қарздории музди меҳнат дар ташкилотҳои буҷетиии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вуҷуд надорад.

Қарзи музди меҳнат ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ ба 1 декабри соли 2019, 4930,0 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 2214,2 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Зиёдшавии қарзи музди меҳнат дар ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ асосан дар шаҳру ноҳияҳои Левакант+810 ҳаз. сомонӣ (3,3 млн.сомонӣ), Фархор +337,8 ҳаз. сомонӣ (337,8 ҳаз. сомонӣ), Темурмалик +27,5 (42,7 ҳаз. сомонӣ), ва Ҳамадонӣ 10,6 ҳазор сомонӣ (10,6 ҳаз. сомонӣ), ба назар расида, андешидани чораҳои таъхирнопазирро ба миён овардааст.

Нишондиҳандаи назарраси камшавии қарзи музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон -1513,4 ҳаз. сомонӣ, Кӯшониён -357,9 ҳазор сомонӣ, Бохтар 132,2 ҳаз.сомонӣ, Кӯлоб 92,5 ҳаз. сомонӣ ва Хуросон 41,2 ҳазор сомонӣ мушоҳида гардида, аз самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии давлатии ин шаҳру ноҳияҳо шаҳодат медиҳад.

### 3.5. Музди миёнаи меҳнат

Дар давраи ҳисоботӣ музди миёнаи меҳнат дар вилоят 996,2 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 95,5 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят музди миёнаи меҳнат афзоиш ёфтааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Темурмалик +152,5,9 сомонӣ (881,9 сомонӣ), Ҷайҳун +175,1 сомонӣ (991 сомонӣ), Кӯшониён + 159,6 (888,3 сомонӣ), Ёвон +131,3 сомонӣ (1239,5 сомонӣ), Дӯстӣ +118,7 (896 сомонӣ) Норак +125,9 сомонӣ (1769,8 сомонӣ)-ро ташкил дода, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру

ноҳияҳои Норак, Данғара, Ховалинг, Бохтар, Кӯлоб, Ҷайҳун, Ёвон, Левакант, ва Шаҳритус нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Фархор, Панҷ, Носири Хусрав, Ш.Шоҳин, Муъминобод ва Ҳамадонӣ, ба назар мерасанд.

### 3.6. Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ;

Бо мақсади истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ ва худдорӣ кардан аз хароҷотҳои дуюмдараҷа, аз ҷумла сафарҳои нолозим ва хусусияти сайёҳидошта, ба роҳ мондани фаъолият тавассути риояи интизоми молиявӣ ва реҷаи сарфакорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, хароҷоти маблағҳои буҷети маҳаллӣ асосан ба соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) ва моддаҳои ҳимояшаванда равона карда шудааст.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷет гуруҳҳои корӣ ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ, аз ҷумла азнавбақайдгирии молу амвол, заминҳои наздиҳавлигӣ, воситаҳои нақлиёт, гузаронидани баҳисобгирии даромади соҳибкорон дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, доруворӣ ташкил карда шудааст.

### 3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.

Мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи мақомоти молияи вилоят ҷойдошта, вобаста ба қисми даромади буҷет ин дар мадди аввал сифатнок иҷро нагардидани буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва афзоиши бемайлони маблағҳои бақияпулиҳои андозӣ ба ҳисоб мераванд.

Манбаи асосии иловагии ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷет ин барҳам додани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоши бақияпулиҳои андозии нав ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод: Мақомоти андози вилояти Хатлон барои дар якҷояги бо нозироти андози шаҳру ноҳияҳо барои таъмини нақшаҳои пешбинишуда ва сифатнокии даромади буҷети вилоят, кам намудани бақияпулиҳои андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, огоҳиномаҳо фаъолиятро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттифоқҳои касабаи соҳавӣ барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат дар шаҳр ва ноҳияҳои Левакант, Фархор, Темурмалик ва Ҳамадонӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (нисбати ҳисоботҳои 3 моҳа ва 9 моҳа) Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳисоботҳои 3 моҳа) аз натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ба Кумитаи рушди маҳал маълумот пешниҳод намудааст, лекин новобасти аз тадбирҳои андешида баъзе шаҳру ноҳияҳо иҷроши нақшаҳои пешбинишуда ва сифатнокии иҷроиши нақшаҳоро таъмин накарда ба афзоиши бақияпулиҳои андоз роҳ дода, дар баъзе шаҳоу

ноҳияҳо қарзи музди вуҷуд дошта, дар баъзеи онҳо ин қарзҳо рӯ ба афзоиш намудааст.

**4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20 паём):**

**Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоиию иқтисодӣ 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.5. (4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.**

**4.1. Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо**

Дар соли 2019 дар вилоят шумораи соҳибкорони хурду миёна 102035 нафарро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли соли гузашта +3153 нафар ё ин ки 3,2% афзоиш ёфтааст.

Аз ин ҳисоб шумораи соҳибкорони инфиродие, ки аз руи патент фаъолият мебаранд 26283 нафар, шумораи соҳибкороне, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мебаранд, 6105 нафар, шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 67000 адад ва шахсони ҳуқуқӣ 9000 ададро ташкил додааст.

Дар миқёси вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи соҳибкорон аз ҳисоби шахсони воқеӣ +3407 нафар зиёд гардида, шахсони ҳуқуқӣ бошад -94 адад кам гардидааст.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Данғара +931 нафар (шумораи соҳибкорон ба ҳолати 1 январи соли 2019, 3923 нафар), Шаҳритус +466 (4455 нафар), Восеъ +316 (5786 нафар), Ҷ.Балхӣ +300 нафар (5095 нафар), Ҳамадонӣ +237 нафар (5622 нафар), Фархор +253 нафар (6303 нафар), Панҷ +219 нафар (6731 нафар), Норак +207 (1524 нафар) ва Ш. Шоҳин +162 (2845 нафар) ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бо фароҳам овардани шароити муносиби соҳибкорӣ дар вилоят шумораи соҳибкорон зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо шумораи соҳибкороне, ки дар асоси патенту шаҳодатнома фаъолият мебаранд, кам гардидааст.

Тибқи маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо шумораи соҳибкорон дар соли 2019 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят афзоиш ёфтааст ба истиснои ноҳияи Ҷайҳун – 421 адад (4461 нафар) ва ноҳияи А.Ҷомӣ -22 нафар (4461 нафар) кам гардидааст.

Шумораи умумии соҳибкорзананон дар ноҳияҳои Ёвон - 179 нафар кам гардидааст. Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи соҳибкорзанон тамоюли афзоиш дорад.

Бояд зикр намуд, ки бинобар аз тарафи шаҳрҳои Кӯлоб, Норак, Левакант, ноҳияҳои Хуросон ва Дӯстӣ нисбати банди мазкур маълумотҳоро ба пуррагӣ пешниҳод накардаанд, ки бо ин сабаб

нисбати он таҳлил гузаронида нашуд.

Ҳиссаи соҳибкорон дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ноҳияи Балҷувон 6,5% (1728,0 ҳаз.сомонӣ) –ро ташкил додааст. Нисбати ин нишондиҳанда дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод накардаанд.

## 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим

Дар соли 2019 дар иқтисодиёти вилоят 30 лоиҳаҳо мавриди амал қарор дошта, маблағи азхудкардаи онҳо 468,2 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, бештари маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба соҳаҳои маориф 3,1 %, обу ирригатсия 14,7 %, нақлиёт 44,6 %, энергетика 22,4 %, тандурустӣ 7,7 % ва кишоварзӣ 6,3 % рост меояд.

Дар асоси ҳисоботҳои омории соли ҷорӣ ба қаламрави вилоят 18269,5 ҳазор доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар 1493,8 ҳазор доллар, Левакант 174,9 ҳазор доллар, Қубодиён 560,9 ҳазор долар, Кӯшониён 214,0 ҳазор долар, Данғара 13957,5 ҳазор доллар, Восеъ 804,2 ҳазор доллар ва Ш.Шоҳин 1064,2 ҳазор доллари амрикоӣ рост меояд. Аз ин ҳисоб 10517,9 ҳазор доллари амрикоиро сармояи мустақим ва 7751,6 ҳазор доллари амрикоиро дигар сармоягузориҳои хориҷӣ ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ ҳаҷми сармояи хориҷии ба вилоят воридшуда ба 1670,2 миллион доллари ИМА баробар буда, 1479,9 миллион доллари онро сармояи мустақими хориҷӣ ташкил медиҳад.

Ҳаҷми маблағгузориҳои сармояи хориҷӣ ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар 4946,5, Левакант 34049,8, Қубодиён 518,4, Ҷ. Балхӣ 152,0, Хуросон 48080,9 , Дустӣ 50320,0 , Кӯшониён 105160,4, Данғара 1154419,1, Ёвон 181174,4, Кӯлоб 6001,6, Восеъ 1109,3, Ховалинг 240,3 ва Ш. Шоҳин 84035,1 ҳазор доллари амрикоӣ рост меоянд.

Айни замон дар вилоят 46 корхона бо ҷалби сармояи хориҷи фаъолият намуда, бештари маблағхои сармояи ба вилоят воридшуда аз давлатҳои Россия 37,4 %, Чин 31,5% ва Эрон 16,8 % -ро ташкил медиҳад.

Айни замон дар вилоят шумораи субектҳои соҳибкорие, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ фаъолият менамоянд, бештари маблағҳои ҷалбгашта ба ҶДММ "Талко Кемикал", ҶДММ "ТК Ойл", ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент", ҶДММ ИА "Водии Зарин", ҶДММ ЖБИ "Чжунсой Моҳир Семент" ва ҶСП "Ҷунтай Данғара Син Силу" рост меояд.

Соли ҷорӣ бо мақсади ҷалби сармояи мустақим дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2. 05 соли 2019 №193 Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Моҳир Семент» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо иқтидори истеҳсоли 600 ҳазор тонна дар як сол ба маблағи 27 миллион доллари амрикоӣ сармояи мустақим ба имзо расонида шуд.

Айни ҳол дар ноҳияи Темурмалик 6 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, аз ҷумла, "Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо", "Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ", "Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот", "Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4",

“Барномаи мутобиқгардонӣ ва кам кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи баҳри Арал” ва “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ” амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо азхудшуда 2 миллиону 484 ҳазору 670 доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Ш.Шоҳин Барномаи давлатии лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо дар давраи солҳои 2012-2019» бо фарогирии 65 деҳа ба маблағи 8 миллиону 412 ҳазор сомонӣ, Лоиҳаи Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар самти барқарор намудани зарари офати табиӣ дар Ҷамоати деҳоти Саричашма бо маблағи 1 миллион доллари амрикоӣ идома дошта, сохтмони қитъаи роҳи байналмилалии Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин оғоз гардидааст.

## 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон, амалӣ намудани “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” дар вилоят бо иштироки зиёда аз 260 нафар, дар шаҳри Кӯлоб бо иштироки зиёда аз 120 нафар ва Форуми байналмилалӣ ба иштироки 400 нафар, дар Донишгоҳи давлатии Данғара бо иштироки 350 нафар соҳибкорону сармоягузорони муваффақ, роҳбарият ва масъулони соҳаи иқтисодиёт, раёсату бахшҳои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва донишҷуёни бахшҳои иқтисодӣ семинар машварат гузаронида шуд, ки он ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявӣ, сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорон мусоидат менамояд.

Соли 2019 бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ миёни занон Ассотсиатсияи занони соҳибкорӣ вилояти Хатлон таъсис ёфта, дар асоси тавсияҳои Шӯрои машваратии назди раиси вилояти Хатлон оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, барномаҳои давлатии рушди сохибкорӣ ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амали намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи соҳибкории Хатлон ташкил гардид.

Дар ин давра, шумораи санҷишҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ кам гардида, дар давраи ҳисоботӣ 12697 адад санҷишҳои нақшавию ғайринақшавӣ гузаронида шудааст. Дар маҷмуъ шумораи санҷишҳо баъд аз ҷорӣ гардидани мораторий, дар вилоят нисбат ба соли 2018-ум 2475 адад санҷиш кам гардидааст.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018, №624 дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб шуъба ва бахши муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” мутаносибан бо 5 ва 3 воҳиди корӣ тасдиқ шуда, барои ҷойгир намудани онҳо бинои мувофиқ интихоб гардида, номзадҳо барои ишғоли мансаби сардори шуъба ва бахши муассисаи мазкур пешниҳод гардиданд.

Вобаста ба иҷрои бандҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», бахри рушди соҳибкорӣ моҳи январи соли 2019 Ассотсиатсияи соҳибкорони шаҳри Бохтар таъсис дода шудааст.

Корҳои аҷомдода ва чорабиниҳои баргузоргардида ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он шароит фароҳам оварда шуда, барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳибкорӣ замина гузоштааст.

### 4.5 Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар соли 2019 бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 1396,2 миллион сомонӣ қарзҳои бонкӣ равона намуданд, ки нисбати соли 2018-ум 251,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, ба соҳаҳои кишоварзӣ 416,0 миллион сомонӣ (29,8%), саноат, сохтмон ва нақлиёт 487,8 миллион сомонӣ (34,9%), савдо 262,0 миллион сомонӣ (18,8%), рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 7,9 миллион (0,6%) ва дигар соҳаҳо 222,5 миллион сомонӣ (15,9%) равона карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +36.3 млн. сомонӣ (158,1 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарз дода шуда, шумораи соҳибкорон 5578 нафар), ноҳияи Ёвон +53,9 млн. сомонӣ (70,6 млн.сомонӣ 2405 нафар), шаҳри Кӯлоб +30,3 (131,6 млн. сомонӣ 13303 нафар), Ҷ. Балхӣ +35,5 млн. сомонӣ (60,4 млн. сомонӣ 2832 нафар), Данғара +5,3 млн. сомонӣ (60,0 млн. сомонӣ 8740 нафар), Муъминобод +6,4 млн. сомонӣ (19,6 млн. сомонӣ 2356 нафар), Шаҳритус +22,9 млн. сомонӣ (73,1 млн.сомонӣ 8606 нафар), Дӯстӣ 10,6 млн. сомонӣ (39,5 млн. сомонӣ 3797 нафар), Панҷ +13,4 млн. сомонӣ (40,2 млн. сомонӣ 4845 нафар), Фархор +12,2 млн. сомонӣ (54,9 млн. сомонӣ 1049 нафар), А.Ҷомӣ +11,2 млн. сомонӣ (21,6 млн. сомонӣ 7079 нафар), Вахш +9,5 млн. сомонӣ (34,9 млн. сомонӣ 3221 нафар), Қубодиён +7,2 млн. сомонӣ (40,7 млн. сомонӣ 4945 нафар), дар ноҳияи Темурмалик +5,2 млн. сомонӣ (14,6 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзи дода шуда, шумораи соҳибкорон 1637 нафар), Ховалинг +4,6 млн. сомонӣ (10,0 млн. сомонӣ 1049 нафар) таъмин гардидааст, ки мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Дар ноҳияи Восеъ -1,7 млн. сомонӣ (14,2 млн. сомонӣ 1468 нафар), нисбат ба соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

### 4.6. Ҳамкорӣ бо Муассисаҳои давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ ”- и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда:

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди рушди соҳибкорӣ ва ҷалби маблағҳои қарзӣ аз ҷониби соҳибкорони вилоят 99 адад лоиҳаи сармоягузорӣ ва дархостҳои лоиҳавӣ ба маблағи 461,2 млн. сомонӣ омода гардида, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешниҳод карда шуд.

Дар маҷмуъ Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои 73 субъекти соҳибкориро барои гирифтани қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 95,5 млн. сомонӣ дастгирӣ намуда, дигар лоиҳаҳо барои гирифтани қарзи имтиёзнок мавриди омӯзиш қарор доранд.

Соли 2019 Шурои Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” 7 лоиҳаро ба маблағи 7549,0 ҳазор сомонӣ, дастгирӣ намуд, ки нисбат ба соли 2018-ум 1 лоиҳа зиёд дастгирӣ ёфтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шаҳри Бохтар бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна лоиҳаҳои инвеститсионии ҶДММ “Ифтихор - Д” дар ҳаҷми 2,7 млн. сомонӣ, дар самти эълон гардидани солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҳаҷми 1,2 млн. сомонӣ ва лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба бунёди гармхонаҳои доимоамалкунанда ба маблағи 200 ҳазор, барои ташкили сехи дузандагӣ ба маблағи 200 ҳазор сомонӣ, оид ба харидорӣ намудани таҷҳизоти дузандагӣ ба маблағи 80 ҳазор сомонӣ ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шуда, мавриди баррасӣ қарор дорад.

Дар ноҳияи Ёвон 1 адад лоиҳаи сармоягузорӣ доир ба ташкили фабрикаи паррандапарварӣ ва истеҳсоли гӯшти мурғ таҳия шуда, барои дарёфти сарчашмаи сармоягузорӣ ба муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки маблағи умумии он 18 млн. сомониро ташкил медиҳад.

### 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.

Дар вилояти Хатлон айни замон 2 минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), аз ҷумла МОИ «Данғара» дар ноҳияи Данғара ва МОИ «Панҷ» дар ноҳияи Ҷайҳун фаъолият дошта, МОИ «Кӯлоб» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2019, №978 таъсис дода шудааст.

Дар МОИ «Данғара» 25 субъект фаъол буда, 10 субъекти он ба истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ машғуланд ва сохтмони 15 субъекти дигар идома дошта, дар МОИ «Панҷ»16 субъект бақайд гирифта шуда, 7 субъекти он фаъол мебошанд.

Дар МОИ «Данғара» ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳо дар соли 2019 - 129,2 млн сомонӣ (дар соли 2018 бошад, 35,6 млн.сомонӣ) ва аз оғози фаъолият 1 миллиарду 780 млн сомонӣ ташкил медиҳад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ аз ҷониби субъектҳои МОИ Данғара дар соли 2019 - ум 36,8 миллион сомонӣ ва ин нишондиҳанда дар соли 2018 маблағи 24,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 170,4 фоиз афзоиш ёфт.

Аз ҷониби субъектҳо пардохти андозҳо дар ҳаҷми 9,9 млн сомониро ташкил дод, ки аз ин 38,1 ҳазор сомонӣ пардохти гумрукӣ мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2018 маблағи 6,6 млн сомониро ташкил намудааст.

Дар минтақаи озоди иқтисодии Данғара шумораи коргарон ба 407 нафар расонида шуд, нисбат ба соли гузашта шумораи коргарон 75 нафар зиёд гардид.

Дар МОИ "Панҷ" ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳо дар соли 2019 ба маблағи 3943,7 ҳазор сомонӣ ва аз оғози фаъолият 16313,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нисбати соли 2018 ба маблағи 3878,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо (аз ҷониби субъектҳо) – 886,7 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2018-ум 674,7 ҳазор сомонӣ, нисбатан 100 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Пардохти андозҳо дар соли 2019 ба маблағи 181,8 ҳазор сомонӣ мебошад. Пардохти гумрукӣ 43 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Хизматрасонии пулакӣ дар соли 2019 ба маблағи 83,3 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли 2018 ба маблағи 16,3 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар маҷмуъ самаранокии фаъолияти якҷояи роҳбарияти МОИ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Данғара ва Панҷ таъмин карда шудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.19, №97 «Дар бораи таъсиси Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» (МОИ «Кӯлоб») дар масоҳати 309,3 га замин дар назди Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Кӯлоб ба муҳлати 25 сол таъсис дода шуд, ки барои ҷалби сармоягузорон ва таъсис додани субъектҳои хоҷагидор андешидани чораҳои зарурро аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва маъмурияти минтақа тақозо менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ", таъмини ҷудо намудани қарзҳо ба лоиҳаҳои пешниҳод гардидаи соҳибкорон аз тарафи Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ мусоидат намуда, барои пурра намудани

фаъолият субъектҳои бақайд гирифташуда дар МОИ "Данғара" ва "Панҷ" ва МОИ "Кӯлоб" тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки ҷиҳати ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Ҳатлон ва фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, паст намудани фоизи маблағи қарзҳои бонкии ҷудогардида ва дароз намудани муҳлати онҳо, чораҷӯӣ намояд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбирҳои андешида вокуниш накардаанд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо, 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар вилояти Хатлон дар соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 8 млрд. 507 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1146,5 млн.сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба 15,6% баробар мебошад.

Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳиссаи саноати коркард 49,8 фоиз, саноати истихроҷи маъдан 4,2 фоиз, истеҳсоли нерӯи барқ ва газ 39,5 фоиз, тақсимоти нерӯи барқ ва дигар хизматрасонӣ 6,5 фоизро ташкил додааст.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Муъминобод 200 % (маблағи афзоиш 11,7 млн. сомонӣ), Носири Хусрав 144,9 % (6,0 млн. сомонӣ), Ҷ.Балхӣ 143,2 % (49,8 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ 141,2% (33,5 млн. сомонӣ), шаҳри Кӯлоб 120,5% (50,1 млн.сомонӣ), Данғара 120,0% (276,7млн. сомонӣ), Бохтар 119,1% (33,6 млн. сомонӣ), Балҷувон 118,0 % (3,0 млн. сомонӣ), Темурмалик 118,4% (2,2 млн. сомонӣ), Норак 117,2 % (345,2 млн. сомонӣ), Ёвон 114,6% (197,0 млн. сомонӣ), Дустӣ 112,7 % (22,4 млн. сомонӣ), Левакант 105,1% (17,1 млн. сомонӣ), Шаҳритус 115,4% (22,1 млн. сомонӣ), Панҷ 113,8% (13,4 млн. сомонӣ), Ҷайҳун 110,0% (9,2млн. сомонӣ), Ховалинг 106,6% (25,7 млн. сомонӣ), Қубодиён 106,5% (8,5 млн. сомонӣ) ва Восеъ 103,6% (3,2 млн. сомонӣ),таъмин намуданд, ки дар

инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ – аграрӣ замина гузошта шуда истодаанд.

Ҳолати ташвишовар дар ноҳияи Вахш 89,5% (маблағи коҳиш ёфта нисбати ҳамин давраи соли гузашта -16,5 млн. сомонӣ) ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро кам намудаанд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияро барои пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои худ ва мақоми ваколатдори мақомоти марказии давлатӣ барои татбиқи сиёсати соҳавӣ чораҳои иловагӣ пешбинӣ намояд.

**5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ**

Дар соли 2019, 97 адад лоиҳаи сармоягузорӣ ва дархостҳои лоиҳавӣ ба маблағи 457134,7 ҳазор сомонӣ омода гардида, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешниҳод шуда, аз ин шумора 7 лоиҳа ба маблағи 85 миллион сомонӣ дастгирӣ ёфтааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, тайи солҳои охир дар вилоят 5 адад корхонаи сементбарорӣ, 2 адад корхонаҳои истеҳсоли халтаҳои пропиленӣ, мавриди истифода қарор гирифт, ки дар афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи назаррас гузошта истодааст.

Гарчанде, дар заминаи татбиқи “Барномаи давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020” дар ноҳияи Қубодиён ҶДММ «Саид истеҳсол»-и бо назардошти 30 ҷойи корӣ ва бо иқтидори коркарди 50 ҳазор тонна пашм дар як сол таъсис ёфта бошад ҳам, бинобар дарёфт накардани харидор айни замон фаъолият надорад. Ягона корхонаи коркарди пӯст «Ал-асад»-и ноҳияи Данғара (иқтидори солонаи коркард 3 ҳазор метри мураббаъ) маҳз аз ҳамин сабаб аз соли 2012 инҷониб фаъолият надорад.

Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо дар давраи 3, 6, ва 9 моҳаи соли 2019 ба Кумита маълумот пешниҳод накардааст.

**5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, (банди 12 паём)**

Дар соли 2019 дар вилоят ба истифодадиҳии 103 корхона ва коргоҳҳо бо назардошти таъсиси 1649 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шуда, аз ин шумора 90 ададашон бо назардошти 865 ҷойи нави корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Тибқи “Нақшаи бунёди корхона ва коргоҳҳои саноатӣ барои соли 2020” бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокмияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истисноӣ минтақаҳои озоди иқтисодии “Данғара”, “Панҷи поён” ва “Кӯлоб” сохта ба истифодадиҳии 112 адад

бо таъсиси 1637 ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст, ки татбиқи он тақвияти фаъолияти масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия, ҷамаотҳои шаҳраку деҳотро дар ин самт тақозо менамояд.

Мувофиқи маълумоти омори расмӣ, дар вилояти Хатлон корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда 35 адад, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Кӯшониён, Шаҳритус, Ҷайҳун, Фархор, А. Ҷомӣ, Шамсиддин Шоҳин – 1 ададӣ, Хуросон, Қубодиён – 2 ададӣ, Ёвон – 6 адад, Ҳамадонӣ, Данғара – 5 ададӣ, Левакант, Ховалинг – 3 ададиро ташкил медиҳад.

Аз теъдоди умумии онҳо, бинобар сабаби муфлисшавӣ - 11 адад корхона, набудани сармоягузор – 2 адад, фарсудашавии таҷҳизот – 10 адад, надоштани ашёи хом – 1 адад, дар марҳилаи барҳамдиҳӣ – 7 адад, надоштани маблағ – 3 ададро ташкил дода, як корхонаи дигар аз аввали таъсисёбиаш умуман фаъолият накардааст.

Тавре, ки аз таҳлилҳо бармеояд, аз ин теъдод дар соли 1992 – 1 адад, 2009 – 2 адад, 2010 – 2 адад, 2013 – 6 адад, 2014 – 5 адад, 2015 – 6 адад, 2016 – 6 адад, 2017 – 5 адад ва дар соли 2018, 2 адад бо сабабҳои болозикр аз фаъолият бозмондаанд.

Дар ноҳияи Муъминобод ҶДММ “Дилкушо”, ҶДММ “Сомон ҒМ” ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ШХ “Самар”-и ноҳияи Восеъ ки тайи 3 соли охир аз фаъолият бозмонда буд, корро бо истеҳсоли сангмайда, консерва оғоз намуда, дар дохили бинои ҶДММ “Бофандаи Норак”-и шаҳри Норак аз ҷониби КВД “Дӯзандагии Данғара” коргоҳи дӯзандагӣ ташкил гардида, сокинони маҳаллӣ ба кор ҷалб карда шудаанд.

Соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз ҷониби ҶДММ “Дилкушо”-и ноҳияи Муъминобод ба маблағи 4800 сомонӣ ҶДММ “Бофандаи Норак” ба маблағи 3,0 миллион сомонӣ ва ШХ “Самар” ба маблағи 28,3 ҳазор сомониро ташкил дода аст.

Дар шаҳри Кӯлоб дар соли 2019 бунёди 13 коргоҳу корхона пешбинӣ гардида, дар ин давра 14 коргоҳ, аз ҷумла коргоҳҳои истеҳсоли макарон, пахтатозакунӣ, сехи курпадӯзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои сохтмонӣ, сангреза ва қуми шустагӣ, семблокбарорӣ, мебелбарорӣ, дару тирезаҳои пластикӣ, қанд, семблокбарорӣ ва бетон, истеҳсоли хӯроки омехтаи чорво ва як корхонаи истеҳсоли сангреза ҶДММ “Сангрезаи Кӯлоб” бо 130 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудаанд.

Дар шаҳри Бохтар 4 адад корхона сатноатӣ, 1 адад коргоҳи саноатии истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ таъсис дода шуда, дар баробари он дар Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи “Хурокворӣ” таҷҳизоти замонавии истеҳсоли шарбат насб карда шуда, ба ин васила истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ афзун гардида, дар маҷмӯъ беш аз 56 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Дар ноҳияи Данғара соли 2019 4 адад корхонаҳои нави саноатӣ бо таъсиси 74 ҷойи корӣ ташкил карда шудааст.

## 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пахта, пилла, пуст ва пашм, шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо

Ҷиҳати суръатбахшӣ ба рушди соҳаи саноат, бахусус муҷаҳҳаз гардонидани корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои ширӣ бо дастгоҳу хатҳои технологии нав ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, соли 2019 дар вилоят 25 корхонаи коркарди маҳсулотҳои ширӣ мувофиқи маълумоти оморӣ ба миқдори 1195 тонна маҳсулоти шири холис истеҳсол шудааст ки, ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли 2018 40 тонна ва ё 3,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра аз ҷониби корхона ва коргоҳҳои консервабарории вилоят ба миқдори 5 миллиону 108 ҳазор қуттии шартӣ консерва истеҳсол шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 300 ҳазор қуттӣ ва ё 5,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2019 дар ноҳияҳои Муъминобод, Фархору Ёвон 6 адад корхона ва коргоҳҳои коркарди меваю сабзавот, мевахушккунӣ бо васлу насби таҷҳизот ва технологияҳои замонавӣ бо таъсиси 130 ҷойи корӣ ва дар ноҳияи Фархор 4 адад коргоҳи мевахушккунӣ бо таъсиси 20 ҷойи корӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

Дар ноҳияи Ёвон барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ корхонаи коркарди шири «Тиҷорати Сорбон» бо иқтидори коркарди 3000 литр шир дар як шабонарӯз, ки дорои 12 ҷойи корӣ мебошад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Айни ҳол корхона самаранок фаъолият дошта, 10 номгӯи маҳсулоти ширӣ истеҳсол намуда истодааст.

Дар ноҳияи Восеъ ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи соҳаи саноат, аз ҷумла бунёди корхона ва коргоҳҳои коркарди маҳсулотҳои ширӣ дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти ба номи М.Маҳмадалиев дар деҳаи Ҳулбук сохтмони як адад корхонаи хурди коркарди маҳсулотҳои ширӣ ба истифода дода шудааст.

## 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз тарафи мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 194 адад дастгоҳҳои хурду калони адрасу атласбофӣ насб гардида, дар соли 2018-ум 229 нафар ва дар соли 2019 285 нафар занону ҷавондухтарони хонашин тариқи ройгон омӯзонида шуда, соҳиби шаҳодатномаи намунавӣ гардиданд. Аз ҷониби онҳо дар соли 2018, 6808 метр ва дар соли 2019 4100 метри мураббаъ матои адрас истеҳсол шудааст.Боиси қайд аст, ки дар вилоят низ аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ 136 адад таҷҳизотҳои қолинбофӣ, аз ҷумла 54 адад калон ва 82 адад хурд насб гардида, дар соли 2018-ум 295 нафар ва дар соли 2019 246 нафар занону духтарони хонашин аз курсҳои омӯзишӣ гузашта, ба корҳои қолинбофӣ машғул мебошанд, ки аз ҷониби онҳо дар соли 2018-ум 8 қолини хурду 21 қолини калон ва дар давраи соли сипаришуда 11 қолини калон истеҳсоли гардида, барои фурӯш пешниҳод карда шудааст.

Дар вилоят як корхонаи коркарди пилла ҶДММ “Дук”-и ноҳияи Шаҳритуз, ба коркарди пиллаи хом ва истеҳсоли ресмони абрешим

машғул буда, дар он  60 нафар занону духтарон фаъолият доранд. Корхонаи мазкур дар асоси шартномаи тарафайн бо корхонаҳои пиллахушкунии ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрав барои таъмин намудани тухмии кирмак маблағ ва маводҳои зарурӣ ҷиҳати парвариши пилла ва харидорӣ намудани пиллаи хушк  ба роҳ мондааст.

Дар соли 2019 корхонаи ҶДММ «Дук»-и ноҳияи Шаҳритус ба миқдори 100 килограм риштаи абрешимӣ, 1,4 ҳазор метр матои абрешими надофӣ ва 1,3 ҳазор метр матои адрас (нисбат ба соли гузашта 315 метр кам) истеҳсол намудааст.

Дар соли 2019 дар ноҳияҳои Вахш 123 метр (соли 2018, 62 метр) Ш.Шоҳин 150 метр, Темурмалик 350 метр (соли 2018, 80 метр), Фархор 124 метр ва Восеъ 210 метр матои адрас истеҳсол карда шудаанд.

Нисбати банди мазкур шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумоти пурра пешниҳод накардаанд.

Ҷиҳати дӯхти либоси мактабӣ дар худуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ҶСШК “Ресанда”-и шаҳри Бохтар, ҶДММ "Самои К" н.Фархор, Ширкати комили "Данғара Кавш", н.Данғара, Ширкати истеҳсоли "Дустӣ" ш. Норак, ҶДММ "Зарҳам", ш.Кӯлоб ҶДММ, ҶСК "Нидои Кӯлоб" ш.Кулоб , ҶДММ "Зебо-75", н.Шаҳритуз, ҶДММ "Сомон 2013" н.Ҷ.Балхӣ, ҶДММ "Мавлуда", н.Қабодиён, ҶДММ "Ахтари Вахш", н.Вахш,“Ваҳдат”-и ноҳияи Ёвон, ҶДММ “Ҷунтай Данғара текстил” – ноҳияи Данғара фаъолият намуда истодаанд.

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимӣ бо либоси мактабӣ мувофиқи маълумоти раёсати омор соли 2019  аз ҷониби корхона ва коргоҳҳои маҳаллӣ 307 ҳазору 646 адад либоси мактабӣ дӯхта шуда дастраси хонандагон гардидааст, ки 84,3%-и нақшаи пешбинишудро (364537 ҷуфт) ташкил дода, дар қиёс ба соли пешин 3005 адад зиёд мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда (35 адад), ба кор андохтани корхонаҳои қолинбофӣ фаъолиятро пурзур намуда ҷиҳати амалӣ гардонии барномаҳои соҳаи саноат ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо  нисбати тадбирҳои андешида дар семоҳаи якуми соли 2019 ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намудааст. Новобаста аз корҳои анҷомдода, камбудиҳо дар самти ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда (35 адад), ба кор андохтани корхонаҳои қолинбофӣ, ҷиҳати амалӣ гардонии барномаҳои соҳаи саноат ва таъмини ҳадафи чоруми

стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии мамлакат ҷой дошта, идома додани корҳо дар ин самт мувофиқи мақсад мебошад.

## 6. Рушди соҳаи энергетика
## (банди 10-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика, 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида, 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ, 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ, 6.4. Фоизи талафоти барқ арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Дар вилоят нерӯи барқи қабулшуда дар соли 2019-ум 3405,8 млн.кВт/соат– ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,4 млн. кВт/соат кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои А.Ҷомӣ +70,0 млн. кВт/соат, Қубодиён +9,9 млн. кВт/соат, Шаҳритус +1,9 млн. кВт/соат, Данғара +7,3 млн. кВт/соат, Ҷайҳун 1,3 млн.кВт/соат, Темурмалик +2,5 млн. кВт/соат, Ҷ.Балхӣ +5,3 млн. кВт/соат, Балҷувон +1,7 млн. кВт/соат, Восеъ+5,2 млн. кВт/соат, ва Хуросон +3,9 млн. кВт/соат, Панҷ +3,7 млн. кВт/соат, Носири Хусрав +1,8 млн. кВт/соат, Норак +7,6 млн. кВт/соат, Фархор +1,6 млн. кВт/соат, Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ +1,3 млн. кВт/соат ва Ховалинг +0,6 млн. кВт/соат ҳаҷми барқи қабулгардида зиёд гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб -48,2 млн. кВт/соат, Ёвон -9,5 млн. кВт/соат, Вахш -0,9 млн. кВт/соат, Бохтар -1,2 млн. кВт/соат, Кӯшониён -13,4 млн. кВт/соат, Дӯстӣ -1,6 млн. кВт/соат, Муъминобод -2,9 млн. кВт/соат ва Шамсиддини Шоҳин -0,2 млн. кВт/соат, ҳаҷми барқи қабулгардида кам гардидааст.

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки 10,3% истифодаи қувваи барқ ба соҳаҳои саноат рост омада, барои рушди соҳаи саноати шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

### 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ

Дар вилоят ҳамагӣ 720617 муштарӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 265801 адад ҳисобкунаки электронӣ ё 36,8% таъмин мебошанд.

Дар соли 2019 бо мақсади дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ +2228 адад зиёд, (шумораи умумии насб 16096 адад), Фархор +1980 адад зиёд, (18780 адад), Данғара +1817 адад зиёд, (8209 адад), Восеъ+690 адад зиёд, (28850 адад), Норак +529 адад зиёд, (7667 адад), Темурмалик +416 адад зиёд, (4110 адад), Бохтар +404 адад зиёд, (9989 адад), Кӯлоб +1253 (14460 адад), А.Ҷомӣ +558 адад зиёд, (1504 адад), Кӯшониён +544 адад (3194 адад), Қубодиён +828 адад (24405 адад), Панҷ +984 адад (16232 адад), Вахш +866 адад (13850 адад), Муъминобод +644 адад (6537 адад), Ҳамадонӣ +654 адад (13808 адад) ва Хуросон +369 адад

(13270 адад) ба роҳ монда шуда, заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2019 насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар ноҳияи Ҷайҳун -997 адад кам гардида, дар ноҳияҳои Шаҳритус (13640 адад) ва Шамсиддини Шоҳин (4100 адад) дар сатҳи шумораи ҳамин давраи соли гузашта боқи монадааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант маълумот оид ба насби ҳисобкунакҳои электронӣ маълумот пешниҳод накардааст.

### 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 маблағи қарзи барқи истифодашуда дар миқёси вилоят 586,9 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 586,9 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Дар ин давра қарздории корхонаҳои буҷавӣ дар маҷмӯъ ба маблағи 53,9 млн. сомонӣ (9,1%), корхонаҳои истеҳсоли 109,1 млн. сомонӣ (18,5%) ва аҳолӣ 217,6 млн.сомонӣ (37,1%) ташкил додааст.

Зиёдшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар +11,6 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарзи умумӣ 79,3 млн. сомонӣ), Восеъ +6,8 млн. сомонӣ (33,7 млн. сомонӣ), Кушониён +4,1 млн. сомонӣ (37,8 млн. сомонӣ), Ёвон +1,7 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарзи умумӣ 40,2 млн. сомонӣ), Шаҳритус +3,6 млн. сомонӣ (16,8 млн. сомонӣ), Қубодиён +3,4 млн.сомонӣ (21,2 млн.сомонӣ), Данғара +2,3 млн. сомонӣ (15,1 млн. сомонӣ), Ҷайҳун +2,2 млн. сомонӣ (12,1 млн. сомонӣ) А.Ҷомӣ +1,9 млн. сомонӣ (27,3 млн. сомонӣ), Панҷ +1,0 млн. сомонӣ (11,5 млн. сомонӣ), Ховалинг +0,9 млн. сомонӣ (8,4 млн. сомонӣ), Шамсиддини Шоҳин +0,7 млн. сомонӣ (5,4 млн. сомонӣ) ва Темурмалик +0,1 млн. сомонӣ (8,3 млн. сомонӣ) ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақоми ваколатдори соҳа ШСХК “Барқи тоҷик” таъмин нагардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб – 41,5 млн. сомонӣ (106,8 млн. сомонӣ), Ҷ.Балхӣ -4,0 млн. сомонӣ (17,4 млн. сомонӣ), Вахш -1,4 млн. сомонӣ (36,5 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ -1,1 млн. сомонӣ (13,9 млн. сомонӣ), Норак -0,3 млн. сомонӣ (20,6 млн. сомонӣ), Фархор -0,3 млн. сомонӣ (11,6 млн. сомонӣ) ва Балҷувон -0,2 млн. сомонӣ (0,61 млн. сомонӣ) камшавии қарзи истифодаи қувваи барқ ба назар мерасад, ки дуруст ба роҳ мондани фаъолияти кориро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаи қарзи калони истифодаи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Восеъ, Кушониён, Ёвон, Шаҳритус, Қубодиён, Данғара, Ҷайҳун, А.Ҷомӣ ва Панҷ мавҷуд буда, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтори ҳудудии ШСХК “Барқи Тоҷик” ба миён омадааст.

### 6.4. Фоизи талафоти барқ

Дар соли 2019 дар вилоят талафоти барқ 17,3%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +0,1% афзоиш ёфтааст.

Корҳои анҷомдода оид ба кам кардани талафоти барқ имкон додааст, ки дар ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ 18,7% (-3,3%), Бохтар 17% (- 0,7%), Хуросон 16,0% (- 1,0%), Балҷувон 15,8% (- 1,3%), Темурмалик 15,3% (-1,7%), Муъминобод 14,7% (- 0,9%), Восеъ 14,5 % (- 0,4%), Данғара 14,6 %(- 0,8%), Ховалинг 14,3% (- 0,8%), Ҳамадонӣ 14,2% (- 0,6%) А.Ҷомӣ 13% (-3,7%) ва Ёвон 13,1% (-1,8%) талафоти барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, барои расидан ба нишондиҳандаи пешбинӣ намудани Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шароит фароҳам оварда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои шаҳри Кӯлоб 18,4% (+2,2%), Қубодиён 18,0% (+0,9%), Дӯстӣ 17,0% (+1,7%), Н. Хусрав 17,0% (+2,0%), Кушониён 17,0% (+0,5%), Панҷ 16,2 (+1,2%), Вахш 14,5% (+1,7%) ва Норак 14,1% (+0,6%)- ро ташкил дода, аз ҳисоби зиёд гардидани талафот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ба таъмини нишондиҳандаи рушди энергетика таъсири манфӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ (18,7 %), Кӯлоб (18,4 %), Қубодиён (18,0 %), Дӯстӣ (17,0%), Носири Хусрав (17,0 %), Бохтар (17,0 %), Вахш (16,2%) Ҷайҳун (16,0 %), Хуросон (16,0 %) ва Шаҳритус (16,0%) ба назар мерасад, ки пешбинӣ намудани тадбирҳои иловагиро барои таъмиру барқарорсозии воситаҳои барқтаъминкунӣ талаб менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК “Барқи Тоҷик” ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Вобаста ба иҷрои корҳои анҷомдода аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод нагардидааст. Танҳо аз тарафи ШХСК “Барқи тоҷик ” нисбати ҳисоботҳои 9 моҳа аз натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ба Кумита ахборот пешниҳод гардидааст.

Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, вазъияти мавҷуда идома додани корҳоро ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо, тақозо менамояд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4 (7.6.) Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, 7.5 (7.11.) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 7.1. (7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ

Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят дар соли 2019 ба 14 миллиарду 467,9 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи соли гузашта 1129,3 миллион сомонӣ ё ин ки 108,5 фоизро ташкил додааст.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои А.Ҷомӣ 168,4%, Панҷ 118,1%, Бохтар 112%, Ҷайҳун 113,8%, Темурмалик 113,8%, Восеъ 113,0%, Фархор 110,4%, Ёвон 110,3%, Қубодиён 110,2%, Балхӣ 109,9%, Данғара 109,0%, Дустӣ 108,4%, Хуросон 107,7%, Ҳамадонӣ 107,7%, Шаҳритус 107,4% ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас буда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо низ суръати муайяни афзоиш таъмин карда шудааст, аз ҷумла:

Дар шаҳру ноҳияҳои Леваканд 105,7%, Норак 104,9%, Вахш 105,4%, Балҷувон 102,5%, Кӯлоб 102,3%, Муъминобод 102,9%, Ш. Шоҳин 102,7%, Ховалинг 101,2%, Кушониён 101,7% ва Н. Хусрав 101,0%-ро ташкил додааст.

Меъёри физиологии истеъмоли озуқа ба 1 нафар маҳсулот, сабзавот271,9% (451,7 кг), гӯшт 114,8% (46,8 кг), шир 108,6% (125,2 кг) таъмин карда шуда, маҳсулоти орд 98,0% (144,7 кг), картошка 53,6% (49,3 кг), мева, ангур 63,3% (78,6 кг), тухм 14,2% (1,4 дона), моҳӣ 7,5% (0,17 кг), меваю ангур 61,3% (76,1 кг), равған 47,4% (7,9 кг) ташкил додааст.

Нисбати соли гузашта меъёри истеҳсоли озуқа ба 1 нафар аҳолӣ маҳсулоти орд 4,1 кг, картошка 0,3 кг, сабзавот 16,8 кг, мева ангур 2,0 кг, гушт 1,3 кг, шир 0,6 кг, тухм 1,4 дона, моҳи 0,17 кг ва равған 1,5 кг зиёд гардидааст, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ замина гузоштааст.

### 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин

Бо мақсади истифодаи самараноку оқилонаи замин, аз ҷумла барқарор намудани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда давоми соли ҷорӣ аз ҳисоби заминҳои партов 3562,45 га, чарогоҳ 425,09 га, корами лалмӣ 29,90 га ва дигар заминҳо 48,75 га дар маҷмӯъ 4066,19 га

қитъаи замин дар асоси қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо барои бунёд намуддани дарахтони бисёрсола гузаронида шудааст, ки ба таъмини нишондиҳандаи истифодаи оқилонаи обу замин мусоидат намуда, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ замина мегузоранд.

Дар асоси нақшаи Барномаи мазкур аз ҳисоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар мавзеъи Қарадуми ноҳияи Ҷайҳун навбати якум солҳои 2016-2018, 6500 гектар бо арзиши 330 млн сомонӣ ба нақша гирифта шуда, тавассути ҶДММ Иттиҳодияи Аграрии "Водии Заррин" дар асоси қарорҳои раиси ноҳияи Ҷайҳун 4259 гектари он ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуд. Мувофиқи ченаки гузаронидаи Кумитаи идораи замини вилоят соли ҷорӣ дар майдони 3652,725 гектар пахта ва 900,0 гектар ғалладона кишт гузаронида шуд. Инчунин дар асоси қарорҳои раиси ноҳияи Ҷайҳун аз 11 октябри соли 2019, №739 ва аз 20 ноябри соли 2019, №802 аз тарафи ҶДММ Иттиҳодияи аграрии "Водии Зарин" майдони 1730,51 гектар ҳамагӣ 5989,51 гектар заминҳои партов ба гардиш ворид карда шуда, ба заминҳои корами обӣ гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷайҳун 1730,74 га, Шаҳритус 788,51 га, Дустӣ 237 га, Фархор 200 га, Восеъ 71,8 га, Ҷ. Балхӣ 43,6 га, Вахш 31 га,Ҷомӣ 25,4 га, Ҳамадонӣ 13,94 га ва Ёвон 8,14 га заминҳои холимонда ва партов ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд ва дар ҳисоботҳои пешниҳод намудаи дигар шаҳру ноҳияҳо вобаста ба ин масъала маълумот омода нагардидааст.

**7.3. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 29 паём, ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 6);**

Тибқи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ барои солҳои 2016-2020 дар вилоят, амалигардонии он дар рушди соҳаи тухмипарварӣ дар вилоят таъмин карда шуда истодааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2009, №413 "Дар бораи минтақа ва хоҷагиҳои махсуси тухмипарварии зиротаҳои кишоварзӣ", дар вилояти Хатлон 42 хоҷагиҳои кишоварзӣ ба истеҳсоли тухмиҳои зироати кишоварзӣ, аз он 36 хоҷагӣ ба истеҳсоли тухмии пахта машғул мебошанд.

Аз ҷумла, хоҷагии деҳқонии махсуси тухмипарварии "Файзи Ёвон"-и ноҳияи Ёвон айни замон кишт ва парвариши зироатҳои кишоварзиро ба роҳ намонда, заминҳои дар ихтиёрдоштаро ба иҷора додааст. Соли сипаригашта хоҷагидорони ноҳия ба қадри 25094 тонна пахта ҷамъоварӣ намуда ба корхонаҳои коркарди пахта супоридаанд, ки нисбати соли 2018 зиёда аз 8000 тонна зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Темурмалик хоҷагии тухмипарварӣ фаъолият менамояд, ки соли равон хоҷагӣ зиёда 70 тонна тухмӣ тайёр намуда, 65 тоннаашро ба фуруш баровардааст. Дар ноҳияи Ховалинг вобаста ба рушди соҳаи тухмипарварӣ корҳои муайян амалӣ шуда истода, дар баробари 1

хоҷагии тухмипарварӣ (ба парвариши тухми юнучқа) лоиҳа ва Барномаҳои алоҳида фаъолият намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот дар ин самт омода нашудааст.

**7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда**

Бо мақсади зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда дар миқёси вилоят ва таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, 53,6 гектар гармхонаҳои доимоамалкунанда ва 653,4 гектар мавсимӣ фаъолият намуда, дар давраи ҳисоботӣ 32,6 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзии барвақтӣ, хусусан помидор, бодиринг ва дигар сабзавотҳо истеҳсол намудаанд, ки дар бозорҳои дохили кишвар ба фурӯш бароварда шудааст ва ҷиҳати ба танзим даровардани нархи маҳсулотҳо мусоидат намудааст.

Ҳамзамон, нишондиҳандаи бунёди гармхонаҳо дар шаҳр ва ноҳияҳои Кулоб +34,0 га, Ёвон +15,27 га, Норак +6,7 га, Дустӣ +6 га, А.Ҷомӣ +3,4 га, Қубодиён 3,2 га, Хуросон +2,40 га, Фархор +1,98 га, Леваканд +1,5 га, Восеъ +0,81 га, Вахш +0,60 га, Бохтар 0,24 га, Ховалинг +00,6 га, Ҳамадонӣ + 0,31 га ва Муъминобод +0,04 га зиёд гардида, барои таъмини аҳоли шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

**7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ,**

Дар баробари зиёд гардидани маҳсулот содироти он низ ба хориҷи кишвар зиёд гардида, соли 2019 114267,8 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба давлатҳои Федератсияи Русия, Афғонистон, Эрон, Аморати Араб, Ӯзбекистон, Украина, Ироқ, Туркия, Қазоқистон, Покистон ва Қирғизистон содирот карда шудааст, ки 137,7 фоизи нақша ташкил намуда, нисбати соли гузашта 17827,3 тонна зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои зерин дар шаҳр ва ноҳияҳои Данғара 3254,3 тонна, Ҷайҳун 31130 тонна, Леваканд 10144 тонна, Қубодиён 4812 тонна, Кушониён 4150 тонна, Ёвон 3657 тонна, А. Ҷомӣ 3306 тонна, Восеъ 2560 тонна, Хусрав 1810 тонна, Кӯлоб 1000 тонна мебошанд

Қобала қайд аст, ки дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи дигар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят оид ба ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ маълумот омода нашудааст.

**7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ**

Барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 50 адад сардхонаҳо бо ғунҷоиши 20040 тонна маҳсулот ва 46 адад анборхонаҳо бо ғунҷоиши 5547 тонна маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд буда, ҳамасола дар ин анбору сардхонаҳо 1922 тонна меваю сабзавот

барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани нархи бозор захира карда мешаванд.

Дар ин давра, дар миқёси вилоят сохтмон ва ба истифода додани сардхонаҳо ба назар нарасида, вазъи бунёди онҳо дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҷайҳун 12 адад, Муъминобод 3 адад бо ғунҷоиши 100 тонна, Восеъ 2 адад сардхона бо иқтидори 640 тонна, Темурмалик 1 адад бо ғунҷоиши 150 тонна, Кӯлоб 1 адад бо ғунҷоиши 650 тонна, Леваканд 1 адад бо ғунҷоиши 1000 тонна, Муъминобод 1 адад бо ғунҷоиши 1000 тонна, Ҷомӣ 1 адад, сардхонаҳо, Ҷомӣ 1 адад ва Хуросон 1 адад мавриди истифода қарор дода шудааст.

Инчунин дар ноҳияи Ёвон бо ғунҷоиши 500 тонна маҳсулоти кишоварзӣ сардхона сохта шуда, ҳоло таҷҳизотҳои он насб гардида истодааст ва дар оянда наздик дар маркази ноҳия сохта бозори замонавӣ ва дар таҳхонаи он сардхона бо ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон, дар деҳоти ба номи Ҳ. Ҳусейнов аз ҳисоби лоиҳаи ЮСАИД (460 ҳазор сомонӣ) ва соҳибкор (988 ҳазор сомонӣ) сохтмони сардхона идома дорад.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи сардхонаҳо дар ноҳияи Қубодиён сохтмони як адад сардхона тибқи гранти Барномаи СММ, шаҳри Кулоб 4 сардхона бо ғунҷоиши 800 тонна, Темурмалик 1 адад бо ғунҷоиши 150 тонна, Фархор 1 адад бо ғунҷоиши 1000 тонна, маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст.

### 7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1171 гектар боғу токзорҳои нав, аз ҷумла дар заминҳои лалмӣ 930 гектар бунёд гардида, иҷрои нишондиҳандаи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарвариро 78,8 фоиз таъмин менамояд, ки дар ин давра 262,9 гектар боғҳо ва 67 гектар токзорҳо барқарор ва дар майдони 380 гектар боғҳои интенсивӣ бунёд гардидааст. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки мӯҳлати татбиқи барнома соли 2020 ба охир мерасад ва аз ин лиҳоз, масъулини тадбиқи барномаро лозим аст, ки андешидани чораҳои зарурииро роҳандозӣ намоянд.

Дар ин раванд, бунёд намудани боғу токзорҳои нав дар давраи дар шаҳр ва ноҳияҳои Хуросон 434 га, Данғара 260 га, Муъминобод 155,1 га, Фархор 155 га, Ховалинг 137 га, Темурмалик 88 га, Шаҳритус 56,9 га, Бохтар 56,1 га, Кӯлоб 43 га, Балҷувон 40,4 га, Вахш 25,6 га, Қубодиён 22,80 га, А. Ҷомӣ 18 га, Восеъ 13,8 га, Норак 13 га, Ёвон 11 га, Ҳамадонӣ 10 га ва Леваканд 5 га рост омада, миқдори муайяни боғу токзорҳои нав дар заминаҳои бекорхобида ва доманакуҳо бунёд карда шудааст.

## 7.8. Ҳолати ҷамъоварӣ маблағҳои ҳаққи хизматрасонии оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он.

Дар соли 2019 ба истифодабандагони об дар ҳаҷми 2269,3 млн. метри мукааб бо арзиши 41,4 миллион сомонӣ об дода шуда, дар ҳаҷми 2269,3 млн. метри мукааб бо арзиши 41,4 миллион сомонӣ санадҳои доду гирифти об ба имзо расонида шудааст.

Пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ дар ин давра ба 35,3 миллион сомонӣ баробар гардид, ки 85,7 фоизи маблағи оби додашударо ташкил дода, бақияи қарзи ҳаққи хизмати обрасонӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 ба 79,2 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ 6092,5 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2019 аз 33,8 миллион сомонӣ маблағи ҳисобишудаи нерӯи барқ ҳамагӣ 20,5 миллион сомонӣ пардохт карда шудааст, ки 60,6 фоизи маблағи барқи истифодашударо ташкил дода, ба ҳолати 1 январи соли 2020 қарзи нерӯи барқи соҳа 42,2 миллион сомонӣ боқи мондааст.

Аз ҷумла бақияи қарзи ҳаққи хизмати обрасонӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Ёвон 10283,3 ҳаз. сомонӣ, Вахш 6258,0 ҳаз. сомонӣ, Шаҳритус 3517,2 ҳаз сомонӣ, Ҷ. Балхӣ 8632,4 ҳаз. сомонӣ, Фархор 7157,9 ҳаз сомонӣ, Дустӣ 5212,2 ҳаз сомонӣ, Ҷайҳун 5061,8 ҳаз сомонӣ, Восеъ 1995,0 ҳаз. сомонӣ, А.Ҷомӣ 1926,1 ҳаз. сомонӣ, Қубодиён 1496,3 сомонӣ, Леваканд 2810,0 сомонӣ, Муъминобод 2900,0 сомониро ташкил медиҳад, ки ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо менамояд.

## 7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ (банди 30 паём), (тухмипарварӣ, хушзоткунӣ, мубориза зидди малах, картошкапарварӣ ва ғайра).

Вобаста ба рушди соҳаи тухмипарварӣ тибқи маълумотҳо дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 42 адад хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ фаъолият мекунанд, ки самти фаъолияти 24 адади онҳоро истеҳсоли пахтаи тухмӣ ташкил дода, соли гузашта дар 36 адади онҳо аз рӯи 17 навъи пахта дар масоҳати 318 гектар қитъаҳои элитӣ бунёд карда шудааст. Хусусан хоҷагиҳои тухмипарварии “Ҳосилот”-и шаҳру ноҳияҳои Бохтар, “Кӯлоб“-и ноҳияи Вахш, ба номи Э. Сатторов ва Эргаш Султонови ноҳияи Дӯстӣ, Ҳамадонӣ ва “Сабз”-и шаҳри Кӯлоб дорои базаи мустаҳками техникӣ мебошанд.

Вобаста ба хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъӣ аз таҳлили маълумотҳо муайян гардид, ки давоми соли 2019 дар шаҳр ва ноҳияҳои Вахш 183476 адад, Ёвон 183770 адад, Қубодиён 167685 адад, Муъминобод 126015 адад, Фархор 117482 адад, Балхӣ 112298 адад, Темурмалик 101796 адад, Восеъ 100300 адад амалиётҳо аз ҷониби нуқтаҳои бойторӣ дар чорвои хурду калон гузаронида шудааст.

### 7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Асотсиатсияи истифодабарандагони об механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ – хоҷагӣ ва таъсис додани заминаҳои моддию техникии онҳо

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 136 адад Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ташкил карда шуда, 134 адади он фаъолият дорад. Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти механизми ба онҳо вобаста намудани шабакаҳои обёрии дохилихоҷагӣ корҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба роҳ монда шуда, маълумотҳо нисбат ба нимсолаи аввал бетағйир боқӣ мондааст.

Вобаста ба фаъолияти Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят, маълумотҳо дар ҳисоботашон омода нагардидааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрва ноҳияҳоро зарур аст, ки ҳамкориро бо Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ҷиҳати таъсис ва дуруст ба роҳ мондани Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ба роҳ монад.

### 7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ арзёбӣ гардиданд.

Тибқи маълумотҳои омории вилоят соли 2019 дар майдони 421,8 ҳазор гектар кишти тирамоҳӣ ва баҳории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки 104,2 фоизи дурнаморо ташкил дода, нисбати соли 2018-ум 18484 гектар зиёд мебошад.

Дар ин давра, дар вилоят дар майдони 188,3 ҳазор гектар кишти ғалладонагиҳо гузаронида шудааст, ки 105,8 фоизи дурнаморо ташкил додааст.

Соли 2019 дар майдони 132944 гектар кишти зироатҳои техникӣ, аз он ҷумла 122097 гектар пахта, 5933 гектар зағир, 1226 гектар офтобпараст, 3688 гектар дигар зироатҳои техникӣ гузаронида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3587 гектар зиёд мебошад.

Кишти полезӣ низ 109,6 фоиз таъмин гардида, кишти картошка зери назорати доимӣ қарор дошта, дар ин давра 12475 гектар кишт гузаронида, иҷроиши дурнаморо 107,1 фоиз таъмин гардидааст.

Аз ҷумла аз ҷараёни кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ муайян карда шуд, ки дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҷайҳун дар майдони 9207 га, Фархор 8145 га, Ёвон 6794 га, А. Ҷоми 6335 га, Ховалинг 5916 га, Восеъ 5879 га, Ҳамадонӣ 5916 га, Хуросон 3597 га, Н.Хусрав 3526 га, Кӯлоб 2219 га, Леваканд 929 га, Темурмалик 340 га, Норак 74 га ва Муъминобод 23 га гузаронида шудааст, ки ба афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо,

амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ, татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ" ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ хусусан гандум, картошка ва зироатҳои равғандеҳ ва маҳсулоти тухм ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳои 6 моҳа ва нуҳмоҳа ахборот пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, идома додани корҳо ҷиҳати таъмини суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мувофиқи мақсад мебошад. Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ" ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ хусусан гандум, картошка ва зироатҳои равғандеҳ ва маҳсулоти тухм ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ
## (банди 87-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

### 8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ

Дар давраи ҳисоботӣ дар самти сохтмони иншооти соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ пешравиҳо назаррас буда, ҷиҳати таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо назардошти рушди минбаъдаи онҳо нақшаҳои генералии марказҳои шаҳру ноҳияҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, минтақаҳои саноати, нақшаҳои генералии роҳ ва коммуникатсия, хатҳои обу корез ва барқ барои рушди минбаъда пешбини гардидааст.

Аз 25 шаҳру ноҳияи, нақшаи генералии ноҳияҳои Фархор ва Данғара мавриди таҳрезӣ қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён 9,5 маротиба (+58,3 млн. сомонӣ), Носири Хусрав 9,4 маротиба (9,1 млн. сомонӣ), Фархор 276,8 % (+9,5 млн сомонӣ), А.Ҷомӣ 252 % (+2,4 млн. сомонӣ), Бохтар 239,0 %

(+127,6 млн. сомонӣ), Хуросон 230,2 % (196,5 млн. сомонӣ) зиёд гардидааст, ки аз саривақт ба истифода додани сохтмони иншоотҳои соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ рӯ ба афзоиш доранд.

### 8.2. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ

Дар соли 2019 дар дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоя 250732 метри мурабаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудааст, ки нисбати соли 2018, 53134 метри мурабаъ зиед мебошад.

Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ 4,6 баробар (9437 $м^2$), Н.Хусрав 181,8 % (2785 $м^2$), Хуросон 180,5 % (3835 $м^2$), Норак 176% (27012 $м^2$ ), Дӯстӣ 158,2% (8046 $м^2$), Бохтар 153% (26663 $м^2$), Кӯлоб 150% (32448 $м^2$), Балҷувон 137,3% (2884 $м^2$), Кӯшониён 126,7% (9224 $м^2$), Ҷайҳун 125,6 % (3386 $м^2$), Балхӣ 124,4% (1779 $м^2$), Ёвон 120% (23677 $м^2$), Шаҳритус 113,7 % (9604 $м^2$), Ховалинг 110,7 % (5272 $м^2$), Темурмалик 102,1% (6228 $м^2$), Вахш 65,9 % (6016 $м^2$), Левакант 100% (3792 $м^2$), Қубодиён 102,2% (12040 $м^2$), Восеъ 100,3% (11300 $м^2$), Муъминобод 100,1% (6971 $м^2$) ва А. Ҷоми +- 0 % (8720 $м^2$) –ро ташкил додааст, барои расидан ба натиҷаи пешбининамудаи СМР барои солҳои то 2030 замина гузошта шудааст.

### 8.3. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ

Ҷиҳати омодагӣ ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори раиси вилоят ва нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда гардида, дар асоси нақшаи чорабиниҳо дар вилоят то ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ бунёду таъмири 7400 иншоот ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, шумораи муассисаҳои таълимии банақшагирифташуда 439, кӯдакистонҳо 151, китобхона 91, қасри фарҳанг 31, боғҳои фарҳангӣ 32, гулгаштҳо 56, майдончаҳои варзишӣ 409, майдончаи бозии кӯдакон 57, толорҳои варзишӣ 124, беморхонаҳо 52, бунгоҳҳои тиббӣ 335, марказҳои саломатӣ 105, таваллудхонаҳо 30, дорухонаҳо 196, нуқтаҳои хатнакунии кӯдакон 223, меҳмонхонаҳо 87, сартарошхонаҳо 439, кошонаҳои хусн 197, маркази савдо 375, маркази хизматрасонӣ 500, ҳаммомҳо 238, корхонаҳои коркарди шир 40, дӯзандагӣ 144, атласбофӣ 6, адрасбофӣ 6, қолинбофӣ 6, дӯхти либоси мактабӣ 30, дӯконҳои ҳунарҳои мардумӣ 60 ва дигар иншоотҳо 2941 ададро ташкил медиҳанд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар 2535 адад бинову иншоотҳо корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шудааст, ки аз шумораи умумӣ 47,6 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ 132 адад, кӯдакистонҳо 35 адад, китобхона 31 адад, қасри фарҳанг 17 адад, боғҳои фарҳангӣ 14 адад, гулгаштҳо 30 адад, майдончаҳои варзишӣ 184 адад, майдончаи бозии кӯдакон 29 адад, толорҳои варзишӣ 33 адад, беморхонаҳо 24 адад,

бунгоҳҳои тиббӣ 129 адад, марказҳои саломатӣ 45 адад, таваллудхонаҳо 14 адад, дорухонаҳо 105 адад, нуқтаҳои хатнакунии кӯдакон 124 адад, меҳмонхонаҳо 34 адад, сартарошхонаҳо 100 адад, кошонаҳои ҳусн 50 адад, маркази савдо 255 адад, маркази хизматрасонӣ 171 адад, ҳаммомҳо 51 адад, корхонаҳои коркарди шир 11 адад, дӯзандагӣ 60 адад, атласбофӣ 4 адад, дӯхти либоси мактабӣ 16 адад, дӯконҳои ҳунарҳои мардумӣ 19 адад ва дигар иншоотҳо 1808 адад сохта мавриди истифода қарор дода шуда, дар ин замина 1896 ҷойҳои нави корӣ ва 9961 ҷойҳои кории мавсимӣ ташкил карда шудааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур нишон медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон аз 341 иншоот иҷро 189 адад, Ҷайҳун 294 иншоот, иҷро 167 адад, Кулоб аз 271 иншоот иҷро 150 адад, Шаҳритус 347 иншоот иҷро 150 адад, Фархор иҷро 142 адад, Кушониён 324 иншоот, иҷро 139 адад, Данғара аз 303 иншоот иҷро 138 адад, Вахш аз 342 иншоот, иҷро 127 адад, Балҷувон аз 375 иншоот иҷро 125 адад, Ховалинг 330 иншоот, иҷро 125 адад, Бохтар аз 307 иншоот, иҷро 120 адад, Темурмалик 270 иншоот, иҷро 110 адад, Восеъ 280 иншоот, иҷро 102 адад, Балхӣ аз 318 иншоот, иҷро 98 адад, Панҷ 202 иншоот иҷро 98 адад, Муъминобод 232 иншоот, иҷро 85 адад, Норак аз 193 иншоот иҷро 62 адад, Ш. Шоҳин 188 иншоот, иҷро 46 ададро ташкил дода дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ бунёду ба истифода додани иншоотҳо идома дошта, ба рушди соҳаҳои мухталиф замина гузошта истодааст.

**8.4. Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи 8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат.**

Тибқи маълумотҳои таҳлилгардида ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 10063,04 гектар қитъаҳои замини наздиҳавлигии барои оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудо гардида, 8490,24 гектари он ба 80,1 ҳазор нафар эҳтиёҷмандон тақсим карда шудааст, ки 84,4 фоизи заминҳои ҷудошударо ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи оилаҳои осебпазири ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ 5049 оила, Ҷайҳун 2977 оила, Қубодиён 1268 оила, Хуросон 840 оила, Муъминобод 749 оила, Темурмалик 664 оила, Балҷувон 433 оила, А. Ҷомӣ 312 оила, Н. Хусрав 301 оила, Ёвон 96 оила, Ховалинг 54 оила, Ш.Шоҳин 49 оила, Шаҳритус 45 оила, Леваканд 22 оила, Фархор 10 оила, Вахш 9 оила муайян карда шудааст.

Аз ҷумла, ба оилаҳои осебпазири ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар шаҳр ва ноҳияҳои Қубодиён ба маблағи 548245,4 сомонӣ, Ховалинг 3 млн. 495 ҳазор сомонӣ, Норак 49700 сомонӣ, Балҷувон 289550 сомонӣ, А. Ҷомӣ 37500 сомонӣ, Леваканд 36530 сомонӣ, Муъминобод 16500 сомонӣ, Ҷайҳун 16023 сомонӣ, Ёвон 485840 сомонӣ, Вахш 12800 сомонӣ, Шаҳритус 12363 сомонӣ кумакҳои хайриявӣ

расонида шуда, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

**Пешниҳод:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳисоботҳои се моҳа, шаш моҳа ва нуҳ моҳа ба Кумита ахборот пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон, идома додани фаъолият дар самти таҳияи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ мувофиқи мақсад мебошад.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

### 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо

### 9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо

Дар соли 2019 аз тарафи муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳру ноҳияҳои вилоят бо истифода аз захираҳои худӣ 335 километр таъмири асосӣ, 2138 километр таъмири ҷорӣ, 992 километр сангфарш ва 86 адад пул бо дарозии 1236 метр ба маблағи 159 миллиону 138 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла; аз тарафи соҳибкорон бошад 214 километр таъмири асосӣ, 123 километр таъмири ҷорӣ ва 992 километр сангфарш, 80 пул бо дарозии 784 метр, ба маблағи 139 миллиону 466 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро карда шудаанд.

Нишондиҳандаҳои баланд дар самти таъмири роҳҳо дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Дӯстӣ 163 км, Кушониён 147,4 км, Шаҳритус 133,4 км, Восеъ 119,1 км, Вахш 115 км, Ҷайҳун 107,3 км, Балҷувон 106,1 км, мушоҳида гардида, ба рушди инфрасохтор мусоидат карда шудааст.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои Ховалинг 91 км, Хуросон 78,3 км, Леваканд 57 км, Ш. Шоҳин 55 км, Ёвон 54 км, А. Ҷомӣ 47 км, Муъминобод 44,4 км, Ҳамадонӣ 35,81 км, Данғара 28,9 км, Кӯлоб 20,8 км, Қубодиён 15,1 км, Темурмалик 9 км, Фархор 5 км,Бохтар 4,55 км, Панҷ 2,83 км, Н. Хусрав 2,4 км ва Норак 1,409 км, рост меояд.

### 9.2. (9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Вобаста ба хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ ба аҳолӣ дар ҳудуди вилоят 31 ҷамъиятҳои нақлиётӣ мавҷуд буда, 11697 адад воситаҳои нақлиёти гуногунтамға бо иҷозатнома дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот ба аҳолӣ хизмат расонида истодаанд.

Аз ҷумла, дар шаҳри Бохтар 7 адад муассисаҳои нақлиётӣ, фаъолият намуда, ба 55 хатсайрҳои мусофирбарие, ки ба маркази вилоят - шаҳри Бохтар рафту омад доранд, хизмат расонида истодаанд.

Ин чунин дар шаҳр ва ноҳияҳои Кулоб 7 адад, Восеъ 3 адад, Кушониён 3 адад, Норак 2 адад, А. Ҷомӣ 2 адад, Ш. Шоҳин 2 адад, Данғара 1 адад, Дустӣ 1 адад, Ёвон 1 адад, Панҷ 1 адад ва Фархор 1 адад муассисаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ба мардум хизмат расонида истодаанд.

Ботӣ бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати татбиқи амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, инчунин ба роҳ мондани системаи хизматрасониҳои иттилоотии логистикӣ дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии гуруҳи кории Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди соҳаи нақлиёт бо иштироки шарикони рушд ва намояндагони бонкҳои байналмилалӣ (JICA, USAID, GiZ, БАТР, БОР, БУ) баргузор гардида, лоиҳаҳои афзалиятнок тариқи дурнамо муаррифӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод карда шуда, таъсиси маркази логистикии байналмилалии Панҷи Поён дар назар дошта шудааст.

### 9.3. (9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар соли 2019 ҳаҷми боркашонӣ 22 миллиону 424 ҳазор тонна ё худ 102 фоиз ва ҳаҷми мусофиркашонӣ 95 миллиону949 ҳазор нафар ё худ 114 фоизро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ҳаҷми боркашонӣ 439 ҳазор тонна ва ҳаҷми мусофиркашонӣ бошад 11 миллиону 595 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи ҳаҷми боркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумлатибқи нишондодҳо дар шаҳр ва ноҳияҳои Бохтар +114,5 % (1,9 млн. тн/км) ва 124,5 % (10,7 млн. нафар), Норак боркашонӣ +100% (120,6 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 213,1% (22034,0 нафар), Фархор боркашонӣ +101,4 % (955 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 118,7 % (5503,6 ҳаз. нафар), Восеъ 100,1 % (966,8 ҳаз. тн/км) ва 116,3 % (6292,3 ҳаз. нафар), Қубодиён боркашонӣ +100,4 % (510,5 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 103,5 % (2119,6 ҳаз. нафар), Кӯлоб мусофиркашонӣ +100,1 % (2594,5 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 115 % (18,3 ҳаз. нафар), Балҷувон боркашонӣ 100,1 % (85,2 тн/км) ва мусофиркашонӣ

100,1 % (178,9 ҳаз. нафар), Дустӣ боркашонӣ 100,7 % (408,2 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 101,2 % (1170,5 ҳаз. нафар), Вахш 100 % (1537,3 ҳаз. тн/км) ва 101,7 % (3390,1 ҳаз. нафар), Темурмалик боркашонӣ 100,1% (173,4 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 127,4 % (650,2 ҳаз. нафар), Данғара боркашонӣ 130,8 % (1438 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 143,2 % (576703 ҳаз. нафар), Ховалинг боркашонӣ 115 % (9450,5 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 106,5 % (458,2 ҳаз. нафар), Хуросон боркашонӣ 100,1 % (503,9 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100 % (1261,4 ҳаз. нафар), Шаҳритус боркашонӣ 100 % (707,9 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 112,4 % (2236,4 ҳаз. нафар), Муъминобод боркашонӣ 100,1 % (420,9 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 138,1% (818,2 ҳаз. нафар), Панҷ 128,5 % (17310,0 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 110,2 % (1533,0 ҳаз. нафар) зиёд гардидааст, ки ба афзоиши суръати гардиши савдо ва рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон, Н. Хусрав ва Кушониён нишондиҳандаи ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар сатҳи ҳамин давраи соли гузашта боқӣ мондааст.

Дар соли 2019 аз истгоҳҳои роҳи оҳани вилояти Хатлон тариқи минтақаи Хушодӣ-Термез 55 вагон ба андозаи 3604 тонна семент ва зерчуб берун аз кишвар ба Ҷумҳурии Узбекистон содирот шуда, 1511 вагон бо андозаи 87 ҳазор тонна маҳсулотҳои гуногун ворид шудааст. Дар ин муддат ба 44 ҳазор нафар мусофир хизмат расонида шудааст. Бояд қайд кард, ки дар ҳудуди вилоят 13 истгоҳи роҳи оҳан мавҷуд буда, ҳамаи онҳо аз таъмир баровarда шудаанд. Дар истгоҳҳои Шаҳритус, Ҷ.Балхӣ, Хатлон, Данғара, Кулоб, Ёвон ва Бурёбоф барои содироту воридоти борҳо ва қабулу гусели мусофирон шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ бошад миқдори хатсайрҳои хизматрасонида дар ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кулобу Бохтар» дар 2019-ум 584 рейсро ташкил намуда, ҳаҷми хизматрасонӣ ба мусофирон бошад 158,1 ҳазор нафарро ташкил намуда, 2362 тонна бағоҷ интиқол дода шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, ҳалли мушкилоти мавҷуда ҳамкориҳоро зичтар намоянд.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳои се моҳа ба Кумита ахборот пешниҳод намудааст. Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда ҳолоҳам камбудиҳо нисбати таъмиру барқарорсозии роҳҳо, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ ҷой дошта,

андешидани тадбирҳои доимиро тақозо менамояд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

### 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

Дар вилоят мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 2 сомонаи расмӣ, шаҳру ноҳияҳо маҳаллиива ташкилоту муассисаҳо зиёда аз 47 сомонаҳои расмӣ кушода шуда фаъолият доранд.

Шумораи хизматрасонӣ тариқи почтаҳои электронӣ, дар асоси барнома аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят якададӣ компютер бо таҷҳизотҳои лозима барои истифодаи ҳуҷҷатгузорӣ тариқи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронӣ тақдим карда шуда, байни мақомотҳо фаъолият карда истодаанд.

Дар миқёси вилоят истифодабарандаи фаъоли алоқаи мобилӣ ва Интернет 1050 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.

Дар шаҳри Кӯлоб шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи «Интернет» 42 ҳазор нафар буда, дар ҳудуди шаҳру деҳот 5600 нуқтаи телефонӣ дар истифода мебошанд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва Ҷамоатҳои деҳот 27 нуқтаҳои дастрасӣ ба шабакаи интернет мавҷуд мебошад.

Дар дар ҳамаи шӯъбаю бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар вобаста ба шумораи кормандон компютер ва принтер мавҷуд буда, ба шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст мебошанд.

Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ **78** рақам ба нуқтаи интернетӣ пайваст гардида аз он ҷумла **8** адад ташкилоту муассисаҳои ноҳия ба сайти интернет пайваст мебошанд, ки ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест.

Дар ноҳияи Данғара шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи «Интернет» 2442 нафар буда, дар ҳудуди ноҳия 504 нуқтаи телефонӣ дар истифода мебошанд.

Дар ноҳияи Восеъ шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи «Интернет» зиёда аз 23674 нафар буда, дар ҳудуди ноҳия 285 нуқтаи телефонӣ дар истифода мебошад.

Дар ноҳияи Фархор шумораи истифодабарандаи фаъоли алоқаи мобилӣ беш аз 60 ҳазор ва интернет бошад, беш аз 25 ҳазор нафарро ташкил додааст.

Оид ба масъалаи зерин дар ҳисоботи ҷамъбастии шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумоти мушаххас дарҷ нагардидааст.

### 10.2. Номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд.

Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Мутаасифона дар маълумотҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба истифодабарии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ маълумот даҷ нагардидааст.

Оид ба шумораи хизматрасонӣ тариқи почтаҳои электронӣ, ҳаминро қайд намудан зарураст, ки дар асоси барнома аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят як ададӣ компютер бо таҷҳизотҳои лозима барои истифодаи ҳуҷҷатгузорӣ тариқи почтаи электронӣ тақдим карда шуд, ки айни замон байни мақомотҳо фаъолияти хуб дошта ва инчунин 6 почтаҳои электронӣ дар домени (tj) дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон фаъолият доранд, ки ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Доир ба банди мазкур дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумот омода карда нашудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳия ва деҳоти дурдаст ба шабакаи интернет, таҷҳизоти муосири техникии сабт ва танзимкунии мавҷҳои телевизионӣ, кадрҳои касбӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.2. Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон, 11.3. Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар арзёби гардиданд.**

### 11.1.(11.1, 11.2, ) Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ ва баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ

Давоми соли 2019 ба раёсат, шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 32442 нафар барои дарёфти ҷои кори муносиб ва касбомӯзӣ ба мақомотҳои Агентии меҳнат ва шуғли

аҳолӣ мурочиат намуданд, ки 29739 нафарашон расман ба қайд гирифта шудаанд. Дар ин давра 18452 нафар ё ин ки 57 % ба ҷойҳои кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ тавассути роҳхатҳои мақомоти шуғли аҳолӣ таъмин гардиданд.

Мувофиқи "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" соли 2019 дар вилоят аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 1503 нафар (1429 мард ва 74 зан) 137 нафар бо ҷои кори доимӣ, 229 нафар ба касбомӯзӣ, 58 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок, 19 нафар ба корҳои фардӣ ва 160 нафар ба машварати касбӣ дар миқёси вилоят фаро гирифта шуданд.

Бо мақсади ҳарчи бештар ба шуғл фаро гирифтани бекорон 310 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод баргузор карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли равон 25 адад ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ зиёд баргузор гардидааст.

Дар рафти баргузории чунин ярмаркаҳои ҷойи кори холӣ ва вазифаҳои озод аз аввали соли равон 2570 корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳои гуногун иштирок намуда, барои бекорон ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озоди худро пешниҳод намуданд. Дар ин давра низ тавассути ярмаркаҳои ҷойи кори холӣ ва вазифаҳои озод 4158 нафар ба кор роҳхат гирифтанд, ки аз онҳо 3562 нафарашон бо ҷои кори доимӣ, мавсимӣ ва мувваққатӣ таъмин гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Дустӣ +3651 нафар, Бохтар +1695 нафар, Ш. Шоҳин +1524 нафар, Қубодиён +1477 нафар А. Ҷомӣ +1285 нафар, Ёвон +1014 нафар, Муъминобод +953 нафар, Фархор +885 нафар, Балҷувон +836 нафар, Панҷ +761 нафар, Хуросон +709 нафар, Норак +695 нафар, Шаҳритус +633 нафар, Темурмалик +610 нафар, Балхӣ 578 нафар, Восеъ +571 нафар, Н. Хусрав +298 нафар зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қиёс ба шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда, дар шаҳр ва ноҳияҳои Фархор 5 баробар (885 нафар), Муъминобод 2 баробар (953 нафар), Восеъ 2 баробар (571 нафар), Шаҳритус 145,3% (633 нафар), Қубодиён 140,0% (1477 нафар), Норак 135 % (695 нафар), Ҷ. Балхӣ 118,1 % (578 нафар), Бохтар 93,3 % (1695 нафар), Н. Хусрав 63,0 % (298 нафар), Темурмалик 62,1% (610 нафар), Панҷ 55,4 % (761 нафар), Дустӣ 48,5 % (3651 нафар), Хуросон 28,9 % (709 нафар), Ш. Шоҳин 0,06% (1524 нафар) - ро ташкил дода барои шумораи бекорони бақайдгирифта шуда ҷойи корӣ муҳайё карда шуда бошад ҳам, сабабҳои таъмин нагардидани бекорон ба ҷойҳои корӣ омӯзиши иловагиро талаб менамояд.

Вазни қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар соли 2019 нисбат ба аввали сол дар шаҳру ноҳияҳои А. Ҷомӣ 108 %, Ҷ. Балхӣ 10,2%, Балҷувон 4,8 %, Бохтар 2,2 %, Дустӣ 9,8 %, Ёвон 8,1 %, Қубодиён 17,8%, Кушониён 3,5 %, Муъминобод 4,4 %, Н. Хусрав 17,4%, Норак 18,5 %,

Панҷ 10,2 %, Темурмалик 3,8 %, Фархор 0,89 %, Ховалинг 2,3 %, Хуросон 7,3 %, Ш. Шоҳин 7,1%, Шаҳритус 36,7 %,- ро ташкил додааст.

**11.3. Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо**

Вобаста ба фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон дар вилоят ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон муайян карда шуд, ки дар марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ 6340 нафар фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2018- 433 нафар ё ин ки 107,3 фоиз мебошад, инчунин 7 нафарашон гурӯҳои осебпазир мебошанд.

Аз ҷумла фаъолияти Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон дар ноҳияи А. Ҷомӣ 215 нафар сокинони ноҳияро ба омӯзиши курсҳои кутоҳмуддат ҷалб намуда, нисбат ба соли гузашта 58 нафар зиёд мебошад. Ин нишондиҳандаҳо дар шаҳр ва ноҳияҳои дар ноҳияи Данғара +66 (300 нафар), Шаҳритус +46 (55 нафар),Қубодиён +42 (124 нафар), Темурмалик +35 (230 нафар), Ш.Шоҳин +5 (25 нафар), зиёд буда, дар шаҳр ва ноҳияҳои Бохтар 285 +-0, нафар, Восеъ 300+-0, нафар, Дустӣ 200 +-0 нафар, Ёвон 300 +-0 нафар, Леваканд 165 +-0 нафар, Норак 215 +-0 нафар, Панҷ 185 +-0 нафар, Фархор 270 +-0 нафар, Ховалинг 180 +-0, Хуросон 195 +-0 нафар, Ҷайҳун 190 +-0 нафар бе таъғир боқӣ мондааст.

**11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар (Нусха аз Протколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 27);**

Дар соли 2019 дар вилоят 4792 нафар шаҳрвандони дар қайди мақомоти шуғли аҳолибуда ба касбҳои қолинбофӣ, адрасбофӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбат соли 2018-ум 542 нафар ё ин ки 12,7 фоиз зиёд мебошад.

Вобаста ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ маълумотҳо дар банди 11,3 дарҷ гардида, вобаста ба масъалаи муайян намудани "Усто - шогирд" танҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ҷиҳати иҷрои "Барномаи давлатии рушди санъати Шашмақом, Фалак ва мактаби суннатии "устод-шогирд" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (барои солҳои 2017-2021) маълумот додааст, ки вобаста ба амалӣ гардидани барномаи мазкур 36 нафар наврасон ба касб омухтан фаро гирифта шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи дигар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят вобаста ба масъалаи мазкур омода карда нашудаанд, ки иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.01.2019 с., №1 банди 27 аз мадди назар дур монда, фаъолияти худро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии

вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кори холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бо роҳи усто-шогирд тадбирҳои мушаххас андешанд .

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо нисбати ҳисоботҳои се моҳа ба унвонии Кумита ахборот пешниҳод намудааст. Идома додани андешидани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кори холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бо роҳи усто-шогирд мувофиқи мақсад мебошад.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф) (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёби гардиданд.**

### 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст.12.2. Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ

Аз 142 адад муассисаҳои томактабӣ дар вилоят дар соли 2018 ин шумора дар соли 2019 ба 153 адад расонида шудааст. Зиёдшавии муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 2 ададӣ, дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Восеъ, Данғара, Қубодиён, Кӯшониён, Муъминобод, Шаҳритус ва Балҷувон 1 ададӣ дида мешавад ва дар шаҳри Леваканд як муассисаи томактабии хусусӣ таъсис дода шудааст.

Айни замон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 153 адад муассисаҳои томактабӣ бо фарогирии 16652 нафар кӯдакон ва 799 Маркази рушди кӯдак бо фарогирии 20070 нафар кӯдакон фаъолият менамоянд. Дар маҷмӯъ фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак дар вилоят 36 ҳазору 722 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҷамъбасти соли 2018 (дар ҷамъбасти соли 2018 33363 нафар буд) 3359 нафар кӯдак зиёд аст.

Дар 153 муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят 799 Маркази рушди кӯдак, аз ҷумла дар ноҳияҳои Вахш 16 Марказ бо фарогирии 277

нафар, Восеъ 2 Марказ бо фарогирии 230 нафар, Хуросон 10 - 210 нафар, Қубодиён 1- 8, Ҷалолиддини Балхӣ 1 - 20, Темурмалик 1 - 30, Ховалинг 2 - 30, Шаҳритус 8 - 98, Шамсиддини Шоҳин 2 - 24, Кӯшониён 5 - 111 ва Балҷувон 2 - 33 нафар таъсис дода шуд, ки дар маҷмуъ 50 Маркази рушди кӯдак бо фарогирии 1071 нафар кӯдак таъсис дода шуда фаъолиятро ба роҳ мондаанд.

Аз ҷумла фарогирии кӯдакон ба марказҳои мазкур дар шаҳр ва ноҳияҳои Левакандд 23%, Муъминобод 10,8%, Қубодиён 8,7%, Дустӣ 8,1%, Восеъ 8%, Данғара 7,4%, Темурмалик 6,7%, Кушониён 5,5%, Ёвон 5%, Ҷ. Балхӣ 4,2%, Панҷ 4,1%, Н. Хусрав 3,9%, Норак 2,4%, Кӯлоб 2,3%, Ховалинг 2%-ро ташкил медиҳад.

Барои расидан ба натиҷаи пешбининамудаи СМР барои давраи то соли 2030 оид ба фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти тобактабӣ то 30% дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён, Дӯстӣ, Н.Хусрав, Муъминобод, Кӯшониён, Ховалинг, Темурмалик, Норак ва Кӯлоб андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

**Норасогии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят.**

Бояд қайд намуд, ки масъалаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст ин норасогии китоҳои дарсӣ мебошад ва тибқи маълумотҳои таҳлилгардида дар шаҳр ва ноҳияҳои Данғара 32000 адад, Ёвон 31313, адад, Вахш 19000 адад, Дустӣ 15000 адад, Норак 14690 адад, Панҷ 14100 адад, Қубодиён 13400 адад, Кӯлоб 12500 адад, Ҳамадонӣ 11600 адад, Н. Хусрав 10100 адад, Кушониён 4350 адад, Темурмалик 3000 адад, Балҷувон 2340 адад, Ш.Шоҳин 1800 адад, Муъминобод 850 адад, Ховалинг 821 адад норасогии китобҳои дарсӣ ба назар расида, омили таъсиррасонанда ба сатҳу сифати дониши хонандагон ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор чораҳои зарурирро тақозо менамояд.

Ҳамзамон таҳлил вазъи муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки дар шаҳр ва ноҳияҳои Панҷ 17 адад, Ҷайҳун 12 адад, Балҷувон 9 адад, Ш.Шоҳин 9 адад, Фархор 7 адад, Восеъ 7 адад, Н. Хуросон 6 адад, Муъминобод 5 адад, Дустӣ 3 адад, А. Ҷоми 2 адад, Вахш 2 адад, Ховалинг 1 адад, Кушониён 1 адад ва Ҳамадонӣ 1 адад муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати садамавӣ карор доранд, ки ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа бартараф карда шаванд.

Бахшида ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 510 иншоот аз ҷумла, 63 муассисаи томактабӣ, 156 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 169 бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ва дар назди 122 муассисаи таълимӣ синфхонаҳои иловагӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои баланд бардоштани рушди соҳаи маориф мусоидат менамояд.

**12.3. Фароҳам овардани шароити мусоид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ (банди 38 паём).**

Дар соли таҳсили 2019 - 2020 дар вилоят 1278 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ фаъолият дошта, дар 1192 синф 413 ҳазору 104 нафар хонандагони синфҳои 5-11 ба таълими фанни технологияи информатсионӣ фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят 1731 нафар омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ фаъолият доранд, ки аз онҳо 1372 нафар бо таҳсилоти олии касбӣ, 359 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 333 нафар омӯзгорони ғайриихтисос фаъолият доранд, ки аз шумораи умумӣ 629 нафар аз курси такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

Норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар миқёси вилоят 203 адад, аз он ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Балҷувон 45 нафар, Кушониён 33 нафар, Данғара 19 нафар, А. Ҷомӣ 18 нафар, Н. Хусрав 17 нафар, Хуросон 16 нафар, Вахш 12 нафар, Темурмалие 11 нафар ва Норак 10 нафарро ташкил дода, ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 23055 компютер ва 3968 принтер таъмин карда шудаанд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” тайи 2 соли охир 7814 адад компютер ва 400 адад тахтаи электронӣ ба муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумии кишвар харидорӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия тибқи нақша 1648 адад компютерҳои корношоями муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоятро азтаъмир баровардааст, аз он ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён 138 адад, Н. Хусрав 101 адад, Қубодиён 76 адад, Бохтар 75 адад, Балҷувон 74 адад, Дӯстӣ 74 адад, Ҷ. Балхӣ 72 адад, Ҷомӣ 72 адад, Вахш 71 адад, Норак 69 адад, Ёвон 68 адад, Темурмалик 65 адад, Панҷ 64 адад, Шаҳритус 60 адад, Данғара 59 адад, Восеъ 54, компютер, Левакант 51 адад, Ҷайҳун 50 адад, Хуросон 50 адад, Фархор 50 адад, Муъминобод 45 адад, Ҳамадонӣ 45 адад, Ховалинг 28 адад ва Кӯлоб 16 адад таъмир карда шудаанд.

### 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим

**12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон.**

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва бартараф намудани норасогии кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон ва баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз тарафи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 183 курс бо фарогирии 4601 нафар шунаванда, 49 семинар бо теъдоди 1335 нафар шунаванда ва дар шаҳри Кӯлоб 129 курс бо фарогирии 3105 нафар ва 18 семинари мақсаднок бо фарогирии 450 нафар шунаванда гузаронида шудааст.

Дар умум аз тарафи филиалҳои донишкадаҳои вилоят 312 курс бо фарогирии 7706 нафар, 67 семинар бо фарогирии 1785 нафар шунавандагон гузаронида шуд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон» ба омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таълимӣ аз ноҳияи Балҷувон, 7 нафар аз ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, 8 нафар аз ноҳияи Ҷайҳун, 3 нафар аз ноҳияи Хуросон, 2 нафар ноҳияи Муъминобод, 2 нафар аз ноҳияи Данғара, 1 нафар аз ноҳияи Дӯстӣ, 1 нафар аз ноҳияи Восеъ соҳиби замини наздиҳавлигӣ, аз ноҳияи Темурмалик 7 нафар соҳиби замини полезӣ ва аз ноҳия Восеъ 3 нафар, Темурмалик 12 нафар, Дӯстӣ 4 нафар соҳиби қарзи имтиёзнок гардиданд.

### 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсолӣ

Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсолӣ дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят тибқи нақшаи тасдиқшудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2018, №08/4-319 оид ба бастани шартнома миёни шуъбаҳои маориф ва корхонаҳои дӯзандагии ватанӣ дар соли таҳсили 2019-2020, дар соли таҳсили 2019 аз 364537 ҷуфт нақша барои дӯхтани 410645 ҷуфт шартнома баста шудааст, ки 113%-и нақшаи пешбинишударо ташкил додааст.

Раванди иҷрои нақшаи либоси мактабӣ дар шаҳру ноҳияҳо (шуъбаи маориф ва коргоҳҳои дӯзандагии ватанӣ) ба ҳолати 6 сентябри соли 2019 аз 364537 ҷуфти нақша 307256 (ҷуфт) либос дастраси хонандагон гардонида шудааст, ки 84,3%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,2% зиёд гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки тамоми хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят бо сару либоси ягонаи мактабӣ аз ҳисоби ярмаркаҳои махсуси фурӯши либос ва мағозаю бозорҳо таъмин карда шудаанд.

Тибқи нишондиҳандаҳои мазкур муайян карда шуд, ки дар шаҳр ва ноҳияҳои Ёвон ба миқдори 27900 адад, Восеъ 26000, Қубодиён 25140

дона, Фархор 20950 адад, Данғара 18516 адад, Кушониён 17755 адад, Бохтар 14600 баста, Ҷайҳун 12627 адад, Шаҳритус 13603 адад,Темурмалик 6911 адад, Леваканд 5814 адад, Ш.Шоҳин 3000 адад шартномаҳо барои таъмин бо либоси мактабӣ ба имзо расонида шудааст.

### 12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.

Дар муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 6315 нафар (нисбат ба соли гузашта 675 нафар зиёд), аз ҷумла 3604 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ (нисбат ба соли гузашта 333 нафар зиёд) ва 2711 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ (нисбат ба соли гузашта 342 нафар зиёд) ба таълиму тарбияи хонандагон машғул гардидаанд, ки барои таъмини боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ замина гузоштааст.

Ба ҳолати имрӯза муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба 94 нафари омӯзгор забонҳои хориҷӣ эҳтиёҷ доранд. Аз 94 нафар омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ намерасанд, 36 нафар аз фанни забони англисӣ аз ноҳияҳои Ҷайҳун, Панҷ, Қубодиён 3 нафарӣ, Шамсиддини Шоҳин, Темурмалик, Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Вахш, Кӯшониён, Дӯстӣ, Шаҳритус, А.Ҷомӣ, Ёвон, Н.Хусрав 2 нафарӣ, Ҷ.Балхӣ, Хуросон, шаҳри Норак 1 нафарӣ ва 21 нафар аз фанни забони русӣ аз ноҳияҳоиҶайҳун, Панҷ, Дӯстӣ, Шамсиддини Шоҳин, шаҳри Норак 2 нафарӣ, Темурмалик, Муъминобод, Балҷувон, Вахш, Кӯшониён, Ҷ.Балхӣ, Қубодиён, Шаҳритус, Хуросон, А.Ҷомӣ ва Ёвон 1 нафарӣ нафарӣ мебошанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намуда, марҳила ба марҳила камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намоянд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо нисбати ҳисоботҳои 9 моҳаба Кумита ахборот пешниҳод намудааст. Идома додани тадбирҳо ҷиҳати таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ, 13.3. Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём)**

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

### 13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоӣ кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 1668 муассисаҳои тиббӣ аз ҷумла: 115 адад муассисаҳои госпиталӣ, 1514 муассисҳои КАТС ва 312 адад дигар марказҳои тиббӣ фаъолият доранд.

Шумораи табибон дар вилоят дар соли 2019-ум 3758 нафар (соли 2018 – 3671). Дар соли 2019 нисбати ба соли 2018 шумораи табибон 87нафар (3,02) зиёд гардидаанд.

Кормандони миёнаи тиббӣ бошад, дар 12-моҳи соли 2019-ум 18322 нафар, нисбати ба соли 2018-ум (16893) 1429 нафар (5,9%) зиёд шудааст.

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят давоми соли 2019 22 бунгоҳҳои саломатии деҳотӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Вахш 4 адад, Дӯстӣ 4 адад, Данғара 3 адад, Балҷувон 3 адад, Ёвон 2, Ҷалолиддин Балхӣ 2 ва Ҷайҳун 2 адад ва Ховалинг 2 адад сохта ба истифода дода шуда, сохтмони бунгоҳҳои саломатии деҳотӣ дар доираи нақша чорабиниҳои тасдиқгардида дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят идома дорад.

Талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ дар вилоят 914 нафар, ба мутахассисони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ 42 нафарро ташкил медиҳад.

Дар вилоят норасогии кадрҳои соҳаи тибби оилавӣ, беҳискунӣ ва наҷоти ҳаёт, рӯҳшиносӣ, неанотолог, акушер гинекологҳои кӯдакона, рентгенологҳо, наркологҳо, силшиносон ва табибони оилавӣ ба назар мерасад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар -29 (127) нафар, Восеъ -18 (129) нафар, Муъминобод -8 (80) нафар, А. Ҷомӣ -5 (6) нафар, Ҳамадонӣ -2 (23) нафар, Фархор -2 (8) нафар, Норак -2 (40) нафар кам гардида ба хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Балҷувон (77) нафар, Ҷ. Балхӣ (43) нафар, Н. Хусрав (34) нафар, Ховалинг (40) нафар ва Қубодиён (4) нафарро ташкил дода дар сатҳи дар сатҳи соли гузашта боқӣ монда, талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар шаҳр ва ноҳияҳои Хуросон +16 (38) нафар, Ёвон +13 (12) нафар, Вахш +9 (32) нафар, Кушониён +3 (41), нафар, Ш. Шоҳин +2 (51) нафар, Данғара +1 (93) нафар, Панҷ +1 (4) нафар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

**13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ.**

**СИЛ**

Дар соли 2019 шумораи умумии беморони сил дар сатҳи вилоят 1539 нафар ба қайд гирифта шуда, нисбат ба аввали соли ҷорӣ 150 нафар кам мебошад.

Ҳолатҳои бақайдгирии бемории сил дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён +57 (24 нафар), Вахш +32 нафар (384 нафар), Ховалинг +31(11 нафар), Шаҳритус +25 (20 нафар), Леваканд +12 нафар (155 нафар), Норак +7 (22 нафар), Бохтар +6 (43 нафар), Муъминобод +1 (72 нафар) зиёд гардидааст, ки зарурати андешидани чораҳои иловагӣ пеш омадааст.

Ин ҳолат дар шаҳр ва ноҳияҳои Балхӣ -37 нафар, Ш. Шоҳин -32 (38 нафар), Ёвон -14 (115 нафар), Восеъ -14 (205 нафар), Данғара -13 (75 нафар), Кӯлоб -12 (172 нафар), Темурмалик -11 (57 нафар), Хуросон -4 (162 нафар)-ро ташкил додааст, ки аз чораҳои андешидаи мақомоти марбута шаҳодат медиҳад.

Ин нишондиҳнда дар ноҳияҳои Балҷувон +-0 (26 нафар) ва Кушониён +- ( 50 нафар) бетағйир боқӣ мондааст.

**ВНМО**

Тибқи таҳлили маълумотҳо гирифторони бемории ВНМО дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Вахш +32 (102 нафар), Кушониён +23 (142 нафар), Кӯлоб +23 (142 нафар), Леваканд +8 (42 нафар), Қубодиён +6 (17 нафар), Бохтар +4 (18 нафар), Хуросон +4 (58 нафар), Н. Хусрав +3 (1 нафар), Ховалинг +3 (14 нафар), Муъминобод +2 (59 нафар) гирифтори бемории ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифторони бемории ВНМО ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ш.Шоҳин -37 (1 нафар), Фархор -11 (24 нафар), Восеъ -7 (26 нафар), Ёвон -6 (40 нафар), Ҷ.Балхӣ -6 (19 нафар), Норак -5 (7 нафар), Дустӣ -4 (2 нафар), А.Ҷомӣ -2 (9 нафар), Шаҳритус -1 (13 нафар), Данғара +-0 (10 нафар), Темурмалик +- (9 нафар), Балҷувон +-0 (3 нафар), кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шудааст.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои ҳудуди вилоят дар маҷмуъ 26 марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди БПНМ (Маркази мубориза бар зидди бемории ВНМО дар вилояти Хатлон) фаъолият доранд, ки самаранокии фаъолияти онҳо барои пешгирии ин беморӣ мусоидат намуда истодааст.

**13.3.Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём);**

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №90 “Дар бораи Барномаи кафолатҳои давлати оид ба таъмини

аҳолии ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ барои солҳои 2017-2019" дар вилоят шаҳрҳои Левакант, Норак ва ноҳияҳои Данғара, Панҷ, Ҳамадонӣ, Ховалинг ва Шамсиддини Шоҳин фаъолият намуда истодаанд. Давоми соли 2019 (12 моҳ) маблағи воридшуда аз шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ ҳамагӣ 3 млн. 252 ҳазору 561 сомонӣ хизматрасонии тиббӣ расониданд, ки 86 фоизи нақшаи солона мебошад, ба 50761 нафар ба маблағи 3 млн. 297 ҳазору 227 сомонӣ хизматрасонии ройгон расонида шудааст.

Дар ҳисоботҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба рафти амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» маълумот омода нагардидааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) дар шаҳр ва ноҳияҳои Леваканд, Қубодиён, Бохтар, Хуросон, Н. Хусрав, Ховалинг, Шаҳритус ва Муъминобод чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» мусоидат намоянд.

## Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**13.5.(13.5,13.6,13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.5.(13.6, 13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир),**

**13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон (банди 48 паём, Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**

Дар вилоят тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2014, №437 "Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат" дар соли 2019 бо назардоти соли гузашта 37925 оила ба маблағи 14,3 мл. сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

Дар вилоят 3 адад Муассисаҳои давлатии будубоши доимӣ, 2 адад марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва 16 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолият намуда 644 нафар кормандон ба 2364 нафар бошандагон хизмат расонида, ҳамаи онҳо аз нафақа, кӯмакпулиҳои яквақтаина, дастгириҳои моддию пулӣ саривақт бархурдор буда, дар соли 2019 аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти

давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳои вилоят, шахсони саховатпеша, соҳибкорон, дар арафаи ҷашнҳои давлатӣ ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ кӯмакҳои моддию молиявӣ расонида шудааст.

Таҳлили маълумотҳо собит намуданд, ки шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Кушониён 5828 оила буда дар давраи ҳисоботӣ +214 оила зиёд гардидааст.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои Вахш +337 (3757 оила), Дустӣ +294 (3408) нафар, Хуросон +281 (2741) нафар, Ховалинг +270 (842) нафар, Кулоб +266 (5090) нафар, Панҷ +248 (1708) нафар,Фархор +187 (720) нафар, Ҳамадонӣ +142 (3577) нафар, Данғара +10 (3289 оила), Ҷ. Балхӣ +64 (978) нафар, Қубодиён +40 (3804) нафар, А. Ҷомӣ +7 (3814) нафар, Норак +3 (1499) нафар ба назар расида, барои паст намудани нишондиҳанда тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар ин раванд, кам гардидани шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳр ва ноҳияҳои Бохтар -115 (824 оила), Муъминобод -460 (910) оила, Восеъ -435 (1558) оила, Шаҳритус -401 (1940) оила, Леваканд -126 (959) оила, Бохтар -115 (709) оила, Шоҳин -95 (984) оила, Ҷайҳун -59 (3359) оила, Балҷувон -16 (602) оила ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд,ки маълумотҳои таҳлилгардида дар замимаҳои ҳисоботҳои пешниҳод намудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 бе тағйир боқи мондааст

**13.7. Иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ;**

Дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №328 «Дар бораи Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, №368 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ба тасвиб расидааст, ки самти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба танзим медарорад. Айни ҳол қарорҳои мазкур таҳти назорати доимии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо қарор дорад, ки оид ба масъалаҳои мазкур мунтазам маълумотномаҳо пешниҳод карда мешавад.

Дар ин раванд, давоми соли ҷорӣ дар худуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар асоси нақша чорабиниҳо бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 адад бунгоҳҳои саломатии деҳотӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Вахш 4 адад, Данғара 3 адад, Балҷувон 3 Дӯстӣ 2 адад, Ёвон 2 адад, Ҷалолиддин Балхӣ 2 адад, Ҷайҳун 2 адад ва Ховалинг 2 адад сохта ба истифода дода шуда, сохтмони 5

бунгоҳҳои саломатии деҳотӣ дар ноҳияҳои ва Ёвон 2 адад оғоз гардида, сохтмони 4 бунгоҳи саломатии деҳотӣ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Данғара идома дода шудааст, ки мусоида ба иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тибқи банди 19" нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо нисбати ҳисоботҳои 9 моҳа ба кумита маълумот пешниҳод намудааст. Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, идома додани фаъолият ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019», дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мувофиқи мақсад мебошад.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг
## (банди 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 14.1. Бунёд, таҷдид ва азнавсозии муаҳуссисаҳои соҳаи фарҳанг, инчунин мактабҳои мусиқии бачагон ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо, 14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо, арзёбӣ гардиданд.**

Дар соли 2019 барои таъмиру тармим ва сохтмони китобхонаҳои вилоят аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ба маблағи 152045 сомонӣ, аз ҳисоби соҳибкорон ба маблағи 139550 сомонӣ ва аз ҳисоби китобдорон ба маблағи 105959 сомонӣ сарф шудааст. Бо ташрифи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара Қасри фарҳанги замонавӣ дорои 700 ҷойи нишаст ба маблағи 78 млн. сомонӣ сохта баистифода дода шудааст. Бо дастгирии мақомотҳои маҳаллӣ муассисаҳои клубии вилоят ҷиҳати харидории сару либоси саҳнавӣ, воситаҳои тақвияти овоз, асбобҳои мусиқӣ, таъмиру таҷҳизот ва баргузории чорабиниҳо дар арафаи ҷашнҳои Наврӯз, Истиқлолият ва

дигар ҷашну озмунҳои шаҳру ноҳияҳои Бохтар 301200 сомонӣ, Кӯлоб 437300, Норак 38314 сомонӣ, Кӯшониён 51591, Вахш 135100, Қубодиён 104 000 сомонӣ, Темурмалик 2 млн.239 583 сомонӣ, Ёвон 35820 сомонӣ, Ҳамадонӣ 56230 сомонӣ, Ховалинг 81597 сомонӣ, Хуросон 50500 сомонӣ, Данғара 2млн.132 000 сомонӣ, Восеъ 10 000 сомонӣ, Фархор 22537, Муъминобод 149 500 сомонӣ, Ш.Шоҳин 118150, Балҷувон 1 млн.187 715 сомонӣ, Панҷ 25 000 сомонӣ, Дӯстӣ 275034 сомонӣ, Ҷайҳун 12000, Ҷ.Балхӣ 162436 сомонӣ, Шаҳритус 21093, Носири Хусрав 455665 ва Абдураҳмони Ҷомӣ 213311 сомонӣ дар маҷмӯъ 8 млн. 315 676 сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст.

Осорхонаҳои таърихӣ - кишваршиносии шаҳру ноҳияҳои Бохтар ба маблағи 3000 сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ба маблағи 1300 сомонӣ, Шаҳритус 5997 сомонӣ ва Қубодиён ба маблағи 1200 сомонӣ аз ҳисоби буҷаи бахши фарҳанг таъмири ҷорӣ гардидааст.

Мактабҳои санъати бачагонаи шаҳру ноҳияҳои Бохтар 30000 сомонӣ, Кӯлоб 24633 сомонӣ, мактаби рассомии шаҳри Кӯлоб ба маблағи 22333 сомонӣ, Ш.Шоҳин 49 000 сомонӣ, Носири Хусрав 1480 сомонӣ, Шаҳритус 13575 сомонӣ, Қубодиён 1950 сомонӣ, Ҷайҳун 6300 сомонӣ, Муъминобод 3000 сомонӣ, Фархор 6300 сомонӣ, Ховалинг 20000 сомонӣ, Балҷувон 18000 сомонӣ, Ҳамадонӣ 19000 сомонӣ, шаҳри Бохтар 20 000 сомонӣ, Ёвон 4300, Хуросон 5000 сомонӣ, Ҷ.Балхӣ 3934, Дӯстӣ 27000 сомонӣ, Панҷ 2000 сомонӣ, Данғара 2000 сомонӣ, Норак 6600 сомонӣ, Левакант 30 000 сомонӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати харидории асбобҳои мусиқӣ, адабиёт ва таъмиру таҷҳизонӣ дастгирӣ гардидааст. Ҷамъ: дар вилоят 211034 сомонӣ таъмир, 114169 сомонӣ хариди асбобу мизу курсӣ ва 38300 хариди адабиётҳои мусиқиро ташкил медиҳад.

**14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо, арзёбӣ гардиданд.**

Айни ҳол дар вилояти Хатлон 931 адад ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ арзи вуҷуд дорад,ки аз онҳо 721 адад ёдгориҳои бостонӣ, 124 адад ёдгориҳои меъморӣ ва 86 ададро ёдгориҳои монументалиро ташкил медиҳад.

Айни замон дар ёдгориҳои нодири таърихии вилоят аз қабили Қалъаи Ҳулбуки ноҳияи Восеъ, шаҳраки Тахти Сангини ноҳияи Қубодиён, Мадрасаи Хоҷа Машҳади ноҳияи Шаҳритус ва Дайри Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш, мақбараҳои Мавлоно Тоҷиддин, Мавлоно Нуриддин, мақбараи Шаҳид дар ноҳияи Данғара, мавзеи таърихӣ-табиии Имом Аскарӣ дар ноҳияи Ш.Шоҳин корҳои ободонӣ рафта истодааст.

Инчунин, сохтмони марҳилаи аввали осорхонаи таърихӣ – кишваршиносии дар заминаи Қалъаи таърихии Балҷувон бо маблағгузории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2,3 млн. сомонӣ азнавсозӣ гардида, ба итмом расидааст.

Дар ин раванд, оромгоҳҳои Шоҳ Неъматуллои Зарробӣ бо маблағи 6000 сомонӣ, Хоҷа Кутбиддини Нишопурӣ, Ҳоҷӣ Яқуби Сичиёнии ноҳияи Балҷувон аз ҳисоби соҳибкорони ноҳия болопӯш ва гирду атрофашонро рангубор намуданд. Инчунин дар мавзеи таърихии «Чашмаи Қазған»-и ноҳияи Ховалинг, ки осорхона-китобхонаи шоир Ҳ.Файзулло воқеъ аст аз тарафи ширкати мобилии Вавилион корҳои тармим ва ободонӣ рафта истодааст. Дар мавзеи Дараи Мухтор дар дохили Боғ-музеи «Шӯриши Восеъ» сохтмони иншоотҳои иҷтимоӣ барои қабули сайёҳҳони дохиливу хориҷӣ аз ҳисоби маблағҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Айни ҳол барои барқарорнамоии Қалъаи Муъминобод ба маблағи 1500000 сомонӣ оғоз гардидааст, ки то имрӯз зиёда аз 300000 сомонӣ корҳои барқарорсозӣ ба анҷом расонида шудааст, аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба микдори 25 ҳазор сомонӣ дар назди «Ганҷинаи накди адабии Соҳиб Табаров» сохтмони мақбараи мунаққиди адабиёти тоҷик Соҳиб Табаров рафта истодааст.

Вазоати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбирҳои андешидашуда нисбати ҳисоботҳои 6 моҳа ва 9 моҳа ба Кумита ахборот пешниҳод намудааст.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 2, 32-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

### 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,

**15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 21 адад корхонаҳои обтаъминкунӣ ва ҳамчунин Раёсати истифодабарии оби нӯшокии деҳот бо зерсохторҳои худ (дар 12 деҳотҳои ноҳияҳои вилоят) аҳолиро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин менамоянд.

Ҳаҷми истеҳсоли об дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 36285,0 ҳазор метри кубӣ расонида шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1050,6 ҳазор метри кубӣ зиёд гардида, ҳаҷми хизматрасонии канализатсия ба 9742,7 ҳазор метри кубӣ расонида шудааст, ки 100 фоизри нақшаро дар бар мегирад. Бақияи қарзи оби истифодашуда 48,1 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ дар микёси вилоят 15,6 фоизроташкил дода нишондиҳандаи паст ба ҳисоб меравад.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 100%, Кӯлоб 96,2% Данғара 90% Восеъ 80,6%, Ёвон 88,3%, А.Ҷомӣ 75%, Норак 74,2%, Ховалинг 70 %, Ш.Шоҳин 66,9%, Муъминобод 63%, ва ба назар мерасанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Балҷувон 53%, Вахш 48%, Ҳамадонӣ 41,3%, Темурмалик 37,9%, Ҷайҳун 37,5%, Леваканд 37%, Ҷ.Балхӣ 30,6%, Кӯшониён 33,4%, Фархор 32,8%, Н.Хусрав 28,4%, Панҷ 26,8%, Қубодиён 23,4% ва Дустӣ 15%-ро ташкил додааст, ки барои баланд бардоштани он вусъат бахшидани корҳоро оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории беруна ва дохила талаб менамояд.

**Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ**

Ҳолати ҷамъоварии ҳаққи хизмати обрасонӣ ба талабот ҷавобгу набуда, фоизи он нисбат ба шаҳру ноҳияҳо дар давраи ҳисоботӣ чунин ба назар мерасад:

Бақияи қарзи оби истифодашуда ва канализатсия ба ҳолати 1 октябри соли 2019 29,4 млн сомониро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Данғара 962,3 ҳаз. сомонӣ, Бохтар 6904,2 ҳаз. сомонӣ, Вахш 350,0 ҳаз.сомонӣ, Восеъ 255,6 ҳаз. сомонӣ, Ҷайҳун 86,6 ҳаз. сомонӣ, Ҳамадонӣ 76,2 ҳаз. сомонӣ, Кӯлоб 1081,8 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 12,1 ҳаз. сомон, Темурмалик 8,4 ҳаз. сомонӣ, Қубодиён 10,6 ҳаз. сомонӣ, Фархор 98,3 ҳаз. сомонӣ, Ховалинг 516,6 ҳаз. сомонӣ, Норак 402,2 ҳаз. сомонӣ, Ҷ.Балхӣ 18,5 ҳаз. сомонӣ, Ш.Шоҳин 7,0 ҳаз. сомонӣ ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ чунин ҳолат мавҷуд буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати кам намудани бақия қарз чораҳо андешанд.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо оид ба фоизи таъминоти аҳолӣ бо оби нушокӣ ва бақияи қарзи оби нушокӣ нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 бе тағйир боқӣ мондааст.

## 15.2. (15.3). Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ. Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020,

Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур, қарори раиси вилояти Хатлон аз 17 январи соли 2019, №18 ва нақша-чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба тасвиб расида, баҳри амалисозии он ба ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят барои корбарӣ ва иҷро пешниҳод гардидааст.

Бо дастгирии ташкилоти «Наҷоти Арал» дар деҳаи Туябуёни деҳоти «Корез»-и ноҳияи Данғара дар масофаи 2,6 км қубури полиэтилении Д-75 мм ба маблағи 120000 сомонӣ ба хати оби нӯшокӣ пайваст карда шудааст, ки 1000 нафар аҳолии ин деҳа бо оби ошомиданӣ таъмин гардиданд.

Бо маблағгузории КВД «ХМК» ва МДС «Тоҷикобдеҳот» ба маблағи 186 ҳазор сомонӣ дар деҳаи Корези Ҷамоати деҳоти зикргардида қубури полиэтилении Д-90 мм ба масофаи 1,6 км иваз карда шуд. Аз ҳисоби соҳибкорон ба масофаи 2 км қубури полиэтилени ба деҳаи Даштаки Ҷамоати деҳоти Лолазор оби нӯшокӣ гузаронида шуд,ки 700 нафар аҳолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин гардидааст.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи лоиҳа дар деҳаи Оқгазаи деҳоти «Гулистон»-и шаҳри Левакант хати оби нӯшокӣ ва корҳои тоза намудани канали таъминоти об ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ иҷро гардида, зиёда аз 5000 ҳазор аҳолии деҳаи Оқгаза бо оби нӯшокӣ таъмин шуданд .

Инчунин бо дастгирии молиявии ташкилоти байналмиллалии «АСТЕД» ва ҷалби дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ қубурҳои хати оби нӯшокии маҳаллаи Боҳтуробод ба маблағи 10090 сомонӣ аз нав таъмиру барқарор карда шуда, дар маркази шаҳри Левакант дар кӯчаҳои Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар масофаи 2300 метр ба маблағи 231982 сомонӣ хати оби нӯшокӣ гузаронида шуда, дар истгоҳи обтаъминкунӣ ду адад насоси тамғаи 6-НДВ таъмиру барқарор шуданд, ки таъмини оби нӯшокӣ дар биноҳои баландошёнаи шаҳр беҳтар гардид.

Дар ноҳияи Ёвон дар асоси Созишномаҳои қарзӣ ва грантии баимзорасида 6,3 млн. доллари ИМА чудо гардидааст аз он 3 млн доллари америкоӣ маблағҳои қарзӣ ва 3,25 млн. доллари ИМА маблағҳои грантиро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар ноҳияи Ҷ.Балхи 5,9 млн.доллари ИМА-ро дар бар мегирад. Аз ин маблағҳо 3 миллион 717 ҳазор доллари ИМА маблағҳои грантӣ, 2 млн 183 ҳазор долари ИМА маблағҳои қарзиро дар бар мегирад.

Аз тарафи намояндагони агентии байналмилалии «Чайка» дар асоси лоиҳаи техникӣ бо ҷалби сармояи бебозгашти Ҳукумати Ҷопон оид ба «Мустаҳкамкунию идоракунии хизматрасониҳои обтаъминкунии корхонаи давлатии фаръии «Обтаъминкуни ва канализатсия»-и ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ дар асоси созишномаи грантӣ аз санаи 11 сентябри соли 2008 ба имзо расидааст, маблағи умумии лоиҳаи мазкур 14,2 млн долари ИМА –ро ташкил медиҳад, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,8 млн долари ИМА-ташкил медиҳад.

### 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон

Дар доираи эълон гардидани даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” қарори раиси вилояти Хатлон ва нақша - чорабиниҳо ба тасвиб расида, ба ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят барои корбарӣ ва иҷро фиристода шудааст ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар асоси

қарори мазкур санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва нақша чорабиниҳои худро таҳия ва тасдиқ намудаанд.

Тибқи нақша чорабиниҳои тасдиқнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят, гузаронидани суҳбату вохуриҳо, семинару конференсияҳо дар минтақаҳо дар ин самт ба роҳ монда шуда, корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва насби шиору овезаҳо ташкил гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои амалигардонии Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷуҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.06.2006 с., №514) мусоидат намуда, ҷиҳати ҳалли пардохти қарзи оби ошомиданӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ**

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 24 адад партовгоҳҳои марказӣ мавҷуд буда, 18 адади он пурра ба расмият дароварда шудааст.

Вобаста ба ин дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 2227 - адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шудааст, ки 560 - адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин гардидааст.

Мушкилотҳои ҷойдошта дар ин самт дар шаҳру ноҳияҳо ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгу набудани гирду атрофи партовгоҳҳо ва кабудизоркунӣ ва безараргардонии партовҳо (дезинфексия) дида намешавад.

Барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилоят, фаъолияти корхонаҳои “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳамкориро бо Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмин намудани партовгоҳҳо бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин чораандешӣ намоянд.

**15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММҲД ҚҶТ “Дар бораии ҳифзи муҳити зист” моддаи 10)**

ҚҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист”

Моддаи 10. “Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист”

Банди 2. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист.

Вобаста ба иҷрои ваколатҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар қонуни мазкур пешбинигардида, дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо маълумотҳо омода нагардида, хулоса кардан мумкин аст, ки талаботи моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" риоя нагардидааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Хатлон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ "Дар бораии ҳифзи муҳити зист" пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" танҳо нисбати ҳисоботҳои семоҳа, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳои 6 моҳа ва 9 моҳа ба Кумита ахборот пешниҳод намудааст. Идома додани фаъолият дар самти камбудиҳои ҷойдошта мувофиқи мақсад мебошад.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда

### Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо,

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят вилоят дар соли 2019 ҳамагӣ 619 ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои гуногундошта ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 137 нафар ба ҳалокат расида, 343 нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштаанд, ки маблағи умумии зарар 15,4 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ дошта 6 ҳолат ба қайд гирифта шудааст, ки маблағи умумии зарари расонидашуда 13 миллиону 39 ҳазору 823 сомониро ташкил дода, 2 нафар талафоти ҷони ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2018, 9 ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ дошта ба қайд гирифта шудааст, ки маблағи умумии зарар он 19 миллиону 544 ҳазору 242 сомониро ташкил дода 6 талафоти ҷони ба қайд гирифта шудааст. Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар шаҳру ноҳияҳои вилоят навбатдории шабонарӯзӣ ташкил карда шуда, қувва ва воситаҳои вобасташуда дар ҳолати ҳамешагии омодабошӣ қарор доранд.

Вобаста ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва сифатан ба иҷро расонидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар мавзеъҳои осебпазири сою дарёҳо, дар асоси Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда №31/1-4 аз 26 феврали соли 2019 аз тарафи Агентии захираҳои моддии давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи сузишворӣ ба шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Фархор, Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Темурмалик, Ш.Шоҳин, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ, Кӯшониён, А.Ҷомӣ ва Дӯстии вилояти Хатлон дастрас шудааст.

Аз ҷумла, ба ноҳияҳои Ҳамадонӣ 30770 литр сӯзишвории дизелӣ, 794,0 тонна семент, 49,0 тонна арматура ва 5000 метр симтаноб, Темурмалик 3000 литр сӯзишвории дизелӣ, 10,0 тонна семент, 0,5 тонна арматура, 2000 метри мураббаъ симтур ва 200 метр симтаноб ва Балҷувон 3000 литр сӯзишвории дизелӣ, 5,0 тонна семент, 0,5 тонна арматура, 1000 метри мураббаъ симтур ва 500 метр симтаноб ворид карда шудааст.

**16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маишӣ (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ**”);

Тавре дар боло қайд гардид, дар миқёси шаҳру ноҳияҳо вилоят 24-адад партовгоҳҳои марказӣ мавҷуд аст ва дар ҳудуди шаҳраку деҳотҳо 2227-адад партовгоҳҳои муваққатӣ ташкил карда шудааст.

Бо мақсади безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдор дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 1630 адад нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдори аз истифода баромада ташкил карда шуда, ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор 67,4 ҳазор сомонӣ аз буҷети шаҳру ноҳияҳои вилоят маблағ ҷудо гардидааст.

Ҳамзамон, барои ташкили нуқтаҳои қабули лампаҳо танҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Қубодиён - 12060, Левакант-7000, Ҷайҳун -6400, Ҷ. Балхӣ -6000, Панҷ -6000, Кӯлоб-5757, Ёвон -5000, Балҷувон -2500, Ҳамадонӣ -2000, Дустӣ -2000, Кӯшониён -1000, М. Мӯъминобод -1000, Хуросон -800 ва Н.Хусрав -500 сомонӣ ҷудо намудаанд.

Дар ин раванд, дар ҳамкорӣ бо соҳибкори инфиродӣ Раҳимов А. дар самти безараргардонии лампаҳои симобдори аз истифодабаромада корҳои назаррас ба анҷом расида, аз шаҳру ноҳияҳои Норак 39050, Ёвон 20154, Ҷ.Балхӣ 9623, Данғара 9346, Ҳамадонӣ 7142, Ҷайҳун 6437, Фархор 6000 Кӯшониён 5000, Хуросон 4238, Восеъ 3500, Дӯстӣ 3120, Ховалинг 2900 ва Панҷ 2014 адад, дар маҷмӯъ 118542 адад лампаҳои симобдори аз истифодабаромада барои безараргардонӣ интиқол гардидаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати ҳисоботҳои 3 моҳа ва 6 моҳа, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳои 9 моҳа ба Кумита маълумот пешниҳод намудааст. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. Кор бо ҷавонон (Шумораи умумии ҷавонон), 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3. Бунёди иншоотҳои варзишӣ, 17.4. Соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ 17.5. Оммавигардонии варзиш арзёбӣ гардиданд.**

### 17.1. Кор бо ҷавонон

Шумораи умумии ҷавонон дар вилояти Хатлон 1077300 нафар буда, аз ин шумора 534700 нафарро духтарон ташкил медиҳанд. Шумораи умумии ҷавонон нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 5708 нафар кам ва шумораи духтарон низ 2814 нафар кам мебошанд.

Нишондиҳандаи баланди ҷалби ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ шумораи ҷавонони дар ҳайати роҳбарикунанда фаъолиятдошта 105 нафар ё 0,36% аз шумораи умумии ҷавонон (28767 нафар шумораи умумӣ), Бохтар 18 нафар 0,05% (38503 нафар), Фархор 28 нафар, 0,04% (68698 нафар), Кушониён 22 нафар, 0,03% (81482 нафар), Норак 70 нафар, 0,3% (19400 нафар), Ёвон 13 нафар, 0,01% (91346 нафар), ноҳияи Қубодиён 72 нафар, 0,12% (56551 нафар), ноҳияи Восеъ 79 нафар, 0,11% (69675 нафар), Ховалинг 20 нафар 0,09% (20800 нафар), ва Муъминобод 31 нафар, 0,1% (30160 нафар) ба назар мерасад.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои Вахш 5 нафар, 0,008% (62000 нафар), Хуросон 5 нафар, 0,01% (27787 нафар), Темурмалик 12 нафар, 0,04% (20908 нафар), Балҷувон 4 нафар, 0,03% (12245 нафар), Ш. Шоҳин 11 нафар, 0,06% (17900 нафар), Ҷайҳун 14 нафар, 0,02% (61473 нафар) ва Ҷ.Балхӣ 10 нафар 0,01% (68249 нафар) ташкил медиҳад, ки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро барои баланд бардоштани ин нишондиҳанда тақвият дода шавад.

### 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Дар доираи маъракаи давъатӣ тирамоҳии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсат нақша чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботиро ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба роҳ монда, дар ин муддат 48 вохӯрию суҳбатҳо бо ҷалби 12580 нафар гузаронида, ҷавононро ба ватандӯстию худшиносии миллӣ даъват намуданд. Дар даъвати тирамоҳи аз ҷониби масъулини раёсат ва бахшҳои кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳру ноҳияҳо 34 нафар ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шудааст.

Даъвати тирамоҳи хизмати ҳарбиро ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истиснои ноҳияи Ш. Шоҳин (96,6%, -2 нафар) таъмин кардаанд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

Шаҳру ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ оид ба даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишвар маълумот пешниҳод накарданд.

### 17.3. Бунёди иншоотҳои варзишӣ

Дар вилоят бо мақсади рушди соҳаи варзиш 7 маҷмааи варзишӣ, 532 толорҳои варзишӣ, 35 варзишгоҳ, 3190 майдончаҳои гуногуни варзишӣ, 33 ҳавзҳои шиноварӣ, 220 иншоотҳои махсуси варзишӣ аз қабилӣ, толорҳои машқи бадан, нуқтаҳои бозии билярд, тир, боулинг ва 34 мактабҳои варзишӣ фаъолият доранд. Шумораи умумии иншоотҳо ва муассисаҳои мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 330 адад зиёд мебошад.

Бахшида ба ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави вилоят сохтмони 300 майдончаҳо ва 80 толори варзишӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Дар соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳритус 10 адад, Кӯлоб 9 адад, Данғара ва Абдураҳмони Ҷомӣ 8 ададӣ, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ховалинг 6 ададӣ, Восеъ ва Балҷувон 5 ададӣ, Норак 4 адад, Панҷ, Ҷайҳун, Вахш, Муъминобод, Темурмалик, Бохтар ва Кушониён 3 ададӣ, Ёвон 2 адад, Қубодиён, Ҷ. Балхӣ, Левакант, Н. Хусрав, Дӯстӣ ва Ш. Шоҳин 1 ададӣ майдончаҳои варзишӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Фархор, Ёвон, Ҷайҳун, Ҳамадонӣ, Ховалинг, Балҷувон 1 ададии толорҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки дар маҷмуъ 96 майдонча, 1 варзишгоҳ, 2 ҳавзи шиноварӣ, 7 толори варзишӣ ва 1 маҷмааи варзишӣ дар назди Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар бо саҳмгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорон сохта ба истифода дода шуданд, ки барои рушди варзиши вилоят заминагузор мебошанд.

Дар маҷмӯъ барои бунёди иншоотҳои номбурда аз ҳисоби буҷаи маҳал 1,2 миллион сомонӣ ва аз манбаъҳои ғайри буҷетӣ 20,1 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Дар шаҳри Кӯлоб дар соли 2019, 11 майдончаҳои варзишӣ ба истифода супорида шуданд.

Дар ноҳияи Данғара дар давоми соли 2019 дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия зиёда аз 13 майдончаҳои варзишии хурд сохта ба истифода дода шудааст.

Соли 2019 дар ноҳияи Шаҳритус 10 майдончаи варзишӣ ва 3 толори варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст. Муассисаи мактаби варзишии кӯдакону наврасони ноҳия фаъолияти худро аз рӯи 6 намуди варзиш ба роҳ мондааст, ки дар ин маҳфилҳо зиёда аз 570 кӯдаку наврас ба варзиш фаро гирифта шуданд.

Дар ноҳияи Қубодиён дар ин давраи соли 2019 бо саҳмгузории соҳибкорон 2 адад майдончаҳои замонавӣ барои бозии футбол мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

### 17.4. Соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ

Рӯзи 2 феврал маросими кушодашавии машқҳои пагоҳирӯзӣ таҳти унвони "Зебоӣ, тавоноӣ ва доноӣ аз варзиш аст" бо ҷалби ҷавонон, варзишгарон ва кормандони касбу кори гуногун дар маркази вилоят ва тамоми шаҳру ноҳияҳо доир гардид. Ҳамин тавр ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе ин чорабинии оммавӣ-варзишӣ дар 30 майдону хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят баргузор гардида истодааст.

Дар ин давра 803 чорабинии машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор карда шуда, дар ин чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ беш аз 190947 нафар сокинони касбу кори гуногуни вилоят ва аз ин шумора 34639 нафар бонувон ҷалб гардиданд.

Дар давоми соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Носири Хусрав 59 (бо иштироки 2011 нафар шаҳрванд) Балҷувон 55 (4200 нафар), Шаҳритус 50 (5152 нафар), Темурмалик 42 (4825 нафар), Кӯшониён 40 (9450 нафар), Бохтар 39 (6900 нафар), Ҳамадонӣ 38 (11250 нафар) ва Восеъ 38 (4200 нафар), маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шуданд.

### 17.5. Оммавигардонии варзиш

Бо мақсади оммавигардонии варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бахшида ба санаҳои таърихию ҷашни 1095 мусобиқа бо фарогирии 130915 нафар, аз ин шумора 15776 нафар бонувон баргузор карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 551 мусобиқа зиёд мебошад.

Ҷиҳати омодасозии варзишгарони касбӣ, дар ин давра 103 чемпионат ва мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ бо иштироки 2648 нафар гузаронида шудааст.

Варзишгарони вилоят дар 103 чемпионат ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ бо фарогирии 2648 нафар варзишгар ширкат варзида, сазовори 590 медали тилло, 554 медали нуқра 788 медали биринҷӣ ҳамагӣ 1932 медал гардиданд.

Инчунин варзишгарони вилоят дар 27 мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат варзида, 34 медали тилло, 25 медали нуқра ва 44 медали биринҷӣ ҳамагӣ 103 медал ба даст оварданд.

Дар умум варзишгарони вилоят 624 медали тилло, 579 медали нуқра, 832 медали биринҷӣ ҳамагӣ 2035 медал ба даст овարданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 68 медал зиёд мебошад.

Ҷавонони шаҳру ноҳияҳои Бохтар 174 медал ба даст оварданд, ки аз он 65 адад медали тилло, 51 медали нуқра ва 58 медали биринҷӣ, Кӯлоб 189 медал, аз ҷумла 39 медали тилло, 51 медали нуқра ва 81 медали биринҷӣ дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ, 6 медали тилло, 6 медали нуқра ва 6 медали биринҷӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ соҳибгардиданд, ҷавонони ноҳия Ховалинг аз мусобиқаҳои вилоятӣ 3 медали тилло, 2 медали бириҷӣ ва 2 медали нуқра, варзишгарони ноҳия Муъминобод дар 14 чорабиниҳои варзишии гуногунсамт ширкат намуда, 9 медали тилло, 43 нуқра, 28 медали биринҷӣ ва 14 адад Ҷом гардидаанд, ки дастовардҳои бадастомада нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 медал зиёд мебошанд, ҷавонони ноҳияи Кӯшониён дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 172 медал, аз ҷумла 81 медали тилло, 52 медали нуқра ва 39 медали биринҷӣ гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2019, 11 медал зиёд мебошад, дар соли 2019 варзишгарони ноҳияи Қубодиён дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ иштирок намуда, сазовори 90 медал, аз ҷумла, 23 медали тилло, 24 медали нуқра ва 43 медали биринҷӣ гардиданд, варзишгарони ноҳияи Фархор дар мусобиқаҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ иштирок намуда, 82 адад медалҳои тилло, 59 адад медалҳои нуқра ва 70 адад медалҳои биринҷӣ, дар маҷмӯъ 211 адад медал ба даст оварданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Левакант, Кӯшониён, Вахш, Қубодиён, Шаҳритус, Восеъ, Ҳамадонӣ, Хуросон, А. Ҷомӣ, Ёвон, Ҷайҳун, Панҷ, Ш. Шоҳин, Ҷ. Балхӣ ва Муъминобод нарасидани биноҳои корӣ мушкилоти асосӣ ба ҳисоб рафта, набудани маҷмааи замонавии варзишӣ дар маркази вилоят шаҳри Бохтар ва набудани иншоотҳои муосири варзишӣ аз қабили толорҳо дар шаҳру ноҳияҳои Н.Хусрав, Панҷ, Балҷувон, Ховалинг, А. Ҷомӣ, Хуросон, Шаҳритус, Ҷайҳун, Ш. Шоҳин ва Дӯстӣ барои баргузории мусобиқаҳои сатҳи баланди варзишӣ, аз ҷумла мушкилиҳои дигари соҳа буда, зарурати бештари ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш ва дастгирии ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба ташкили машқҳои пагоҳирӯзӣ, мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ
## (банди 34, 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарори раиси вилояти Хатлон аз 30 августи соли 2018, №203 ба тасвиб расида, Раёсату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар асоси он қарорҳои дахлдори худро тасдиқ намуда, чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Аз таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки дар робита ба нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бахшида ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бунёди инфрасохторҳои сайёҳӣ ва таҷдиди ёдгориҳои сайёҳию фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодаанд.

### 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ (18.2) Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон,

Дар вилоят 795 ёдгориҳову мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангӣ, бостонӣ ва монументалӣ, 101 меҳмонхона, 64 мавзеъҳои сайёҳӣ, 37 истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 121 тарабхона, 36 осорхонаҳо, 58 чойхона, 228 банкоматҳои хизматрасониҳои бонкӣ, 54 ҳомстей ва гестхаусҳо, 142 ҳоҷатхонаҳои сарироҳӣ, 69 мағозаи фурӯши армуғонҳо, 97 зиёратгоҳ, 33 боғҳои фарҳангӣ - фароғатӣ, 20 маркази иттилоотии сайёҳӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамарӯза сайёҳон аз ин мавзеъҳо дидан менамоянд.

Вобаста ба ин, тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида муайян карда шуд, ки дар соли 2019 дар умум 263,3 ҳазор нафар сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ташриф овардаанд.

Дар робита ба таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ муайян карда шуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла Ш. Шоҳин 7 адад ширкатҳои сайҳӣ ва 1 хатсайр, Норак 4 адад ширкатҳои сайҳӣ ва 46 хатсайр, Бохтар 3 адад ширкатҳои сайҳӣ ва 6 хатсайр, Ховалинги 2 адад ширкати сайҳӣ ва 7 хатсайр ва Балҷувон 2 адад ширкати сайҳӣ ва 5 хатсайр мавҷуд мебошад, ки ба сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ хизмат расонида истодаанд.

Инчунин, дар самти бунёд намудани меҳмонхонаҳои нав дар ноҳияи Ховалинг 5 адад, Данғара 7 адад, Балҷувон 6 адад, Бохтар 53 адад, Восеъ 6 адад,Леваканд 2 адад, Панҷ 2 адад, Темурмалик 2 адад, Фархор 3 адад, Хуросон 3 адад, Ш. Шоҳин 6 адад сохта ба истифода дода шуда, сохтмони меҳмонхонаҳо, мавзеи истироҳатӣ, базаи туристӣ ва маркази савдо дар минтақаи Сари Хосори ноҳияи Балҷувон идома дорад.

Дар ин раванд шумораи ташрифи сайёҳон дар соли 2019 дар шаҳр ва ноҳияҳои Данғара +17450 (3821), Бохтар +15824 (7100), Муъминобод +10161 (11680), Ш. Шоҳин +7272(787), Ховалинг +4592 (30277), Қубодиён +4408 (7016), Восеъ +3085 (2985), Шаҳритус +1729 (3823), Хуросон +1480(13093), Темурмалик +1190 (658), Леваканд +856 (4849), Ёвон +395 (1100), Вахш +347 (170), Фархор +272 (870), Норак 13549, А.Ҷомӣ +-0(1200 нафар), Панҷ +51 (45), Балҷувон +36 (443), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар таъмини нишондиҳандаи рушди сайёҳӣ ба назар мерасад.

### 18.3 Ташкили ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ ва таъсиси сомонаҳои интернетӣ

Дар вилоят 20 марказҳои иттилоотии сайёҳӣ оид ба тарғибу ташвиқи ёдгориҳои фарҳангӣ, мавзеъҳои таърихӣ ва мавзеъҳои нодири сайёҳӣ фаъолият намуда, 70 намуди буклетҳо бо забони тоҷикӣ, англисӣ дар бораи шаҳру ноҳияҳо ва дар бораи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва зиёратии шаҳру ноҳияҳо таҳия гардидааст.

Дар ҳамкорӣ бо раёсатҳои фарҳанг, телевизион ва радиои вилоят, Муассисаҳои давлатии “Тоҷикфилм” дар вилоят, “Хатлонсинамо” ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати таблиғи мавзеъҳои таърихӣ ва сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилоят маводҳои иттилоотӣ, аз қабили харита, наворҳои видеоӣ, диск, ёддошт, феҳристи ҳунарҳои мардумӣ, феҳристи мавзеъҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва монументалӣ, роҳнамо барои сайёҳон ва дигар маводҳои тарғиботӣ таҳия гардида, дастраси мақомоти шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ширкатҳои сайёҳии ватанӣ гардонида шудааст ва тариқи шабакаҳои телевизион ва интернет намоиш дода мешаванд.

Ҳамзамон, ҷиҳати муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилоят 70 намуд буклетҳо бо забони тоҷикӣ, англисӣ дар бораи шаҳру ноҳияҳо ва дар бораи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва зиёратии шаҳру ноҳияҳо омода гардида истодааст.

Барои муаррифии минтақаҳои сайёҳӣ дар самти туризми воридотӣ ва дохилӣ дар ҳудуди вилоят 12 хатсайрҳо фаъолият намуда, сайёҳонро ба минтақаҳои сайёҳи сафарбар менамоянд.

Ҳамчунин, ҷиҳати зиёд намудани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон дар вилоят 14 ширкатҳои сайёҳӣ, 10 ширкат дорои иҷозатнома (литсензия) - и Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодаанд.

Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Ориёи» дар шаҳри Кӯлоб, ҶДММ "Истироҳатгоҳи Пули Сангин" дар шаҳри Норак, ҶДММ "Сайёҳ асри 21", ТҶ "Сайри ҷаҳон" дар шаҳри Бохтар, ҶДММ «Сари Хосор тревел», ҶДММ "Экспедитсияи Осиёи Марказӣ" дар ноҳияи Балҷувон, ҶДММ «Морхӯр», ҶДММ "Нодир Тур", ТҶ "Муҳофиз" дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ва ҶДММ "Ховалинг Фрилэнд Эдвенчер" дар ноҳияи Ховалинг ва 4 ширкати дигар ҳуҷҷатҳои худро барои гирифтани иҷозатнома ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудаанд, ки ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳии минтақаҳои номбурда замина мегузорад.

**18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо;**

Вобаста ба муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилоят сомонаи алоҳидаи сайёҳии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Sayohikhatlon.tj бо се забон омода гардида, маълумоти пурраи шаҳру ноҳияҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.

Дар баробари ташкил намудани сомонаи расмии сайёҳии вилоят, инчунин саҳифаҳои сайёҳӣ дар Фейсбук, Инстаграм ва Ютуб таъсис дода шуда, маълумотҳои ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд буда аз тарафи мутахассисон ворид карда шуда истодааст.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси Ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани ба ҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати ҳисоботҳои 3,6 ва нуҳмоҳа ба Кумитаи рушди маҳал маълумот пешниҳод намудааст. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси Ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани ба ҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ, ташкили инфросохтори сайёҳӣ, ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ мувофиқи мақсад мебошад.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 49-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди баробарии гендерӣ, бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ. 19.1. Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ

**19.1Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо**

Шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 1 миллиону 864 ҳазору 300 нафаро ташкил намуда, аз ин шумора 947 ҳазору 100 нафарашонро (50,5%) -ро занон ташкил медиҳад.Шумораи занони қобили таваллудбошад 846 ҳазору 400 нафар мебошад.

Аз шумораи 196 ҳазору 858 нафар занҳои коргар, 6 ҳазору 586 нафарашон кору фаъолият мекунанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1 ҳазору 70 нафар зиёд мебошад.

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар ин давра аз 2549 воҳиди кории хизматчиёни давлатии амалкунанда дар 439 воҳиди корӣ ё 17,3 фоизро занон ташкил намуда, аз ин шумора 190 нафар ё 21,8 фоиз занону духтарони лаёқатманд дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ фаъолият намуда истодаанд.

Шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 78 нафар, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 нафар зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои мазкур дар шаҳр ва ноҳияҳои Ш. Шоҳин 349 (+65) нафар, Бохтар 167 (+25) нафар, Вахш 124 (+44) нафар, Ҷ. Балхӣ 68 (+5) нафар, Муъминобод 51 (+4) нафар, Ховалинг 13 (+2) нафар, Норак 10 (+2) нафар, Фархор 4 (+2) нафар, Кӯлоб 4 (+1) нафар, Ёвон 3 (+1) нафарро ташкил додааст, ки дар сатҳи муайян иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст.

Шумораи занҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар шаҳр ва ноҳияи Балҷувон 14 (+- 0) нафар, Қубодиён 4 (+-0) нафар, Хуросон 4 (+-0) нафар, Темурмалик 4 (+-0) нафар, Ҳамадонӣ 2 (+-0) нафар, Восеъ 1 (+-0) нафар, нафар бе тағйир боқӣ монда, дар ноҳияҳои А. Ҷомӣ 7 (-1) нафар Шаҳритус 5 (-1) нафар, Леваканд 4 (-1) нафар, Н. Хусрав 5 (-2) нафар, Ҷайҳун 2 (-1) нафар нисбат ба соли гузашта кам гардидааст, ки тақвият додани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо умуман маълумот пешниҳод накардааст. Агентии

хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳои 3,6, ва нуҳ моҳа ба Кумита маълумот пешниҳод намудааст.

**20. Маълумот оид ба ҳолати кор дар самти иттиҳодияҳои динӣ:**

**20.1. Маълумот оид ба ташкилотҳои динии дар шаҳраку деҳот фаъолиятдошта; 20.2. Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят дар маҷмуъ 1734 адад масҷидҳо, аз ҷумла 19 адад масҷиди ҷомеи марказӣ, 118 адад масҷиди ҷомеъ ва 1592 адад масҷидҳои панҷвақта, 5 адад масҷидҳои панҷвақта, ки бо тариқи истисно хондани намози ҷумъа дар онҳо иҷозат дода шудааст, 1 адад ҷамоатхонаи исмоилия дар ноҳияи Ҷайҳун ва 14 адад ташкилотҳои ғайриисломӣ, дар маҷмуъ 1749 адад иттиҳодияҳои динӣ дар асоси оинномаҳо ва низомномаҳояшон фаъолият карда истодаанд.

Аз ҷониби иттиҳодияҳои диннии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба хона-интернатҳо, маъюбону барҷомондагон, кӯдакони ятиму бепарастор, пирони яккаву танҳо ва ниёзмандон кӯмакҳои моддию молиявӣ (равған, гӯшт, орд ва дигар маводи хӯрока) ба маблағи 1,9 млн сомонӣ расонида шудааст.

Инчунин, аз тарафи иттиҳодияҳои динии шаҳру ноҳияҳои вилоят 11 ҷуфт тӯйи домодиву арусӣ хайриявӣ ва 107 нафар хатнасури хайриявии наврасон аз оилаҳои эҳтиёҷманд гузаронида шуда, ба онҳо сару либос, дучархаҳо ва маблағҳои пулӣ ҷиҳати дар доираи оила баргузор намудани хатнасур тухфаҳо расонида шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 ҳамкориҳоро вусъат бахшанд.

Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати арзёбииравандӣ рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо нисбати ҳисоботии 3,6 ва 9 моҳа умуман ба Кумита маълумот пешниҳод накардааст.

**21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ**

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои 21.1. Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, 21.2. Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд.**

**21.1. 21.2. Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ**

Дар соли 2019 ҳаҷми хизмати пулакӣ, ки ба аҳолии вилоят ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расондаанд, 2063,7 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 бо нархҳои муқоисавӣ 12,4 фисад зиёд шудааст.

Аз ҷумла дар бахши давлатӣ 286,5 миллион сомонӣ ва бахши

ғайридавлатӣ 1777,2 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Корхонаю ташкилотҳои расмӣ ба қайд гирифташуда ба маблағи 512,6 миллион сомонӣ хизмат расондаанд, ки 24,8 фисади ҳаҷми умумии хизматрасониро ташкил медиҳад.

Ҳамагӣ дар вилоят 2063699,9 ҳазор сомонӣ, 100 фоиз, аз ҷумла ҳиссаи;

- хизмати маишӣ 1270480,5 ҳазор сомонӣ, 61,6 фоиз;
- хизмати нақлиёти мусофирбар 120042,0 ҳазор сомонӣ, 5,8 фоиз;
- хизмати алоқа 6761,6 ҳазор сомонӣ, 0,3 фоиз;
- хизмати маориф 288543,3 ҳазор сомонӣ, 14 фоиз;
- хизмати тиббӣ 101782,5 ҳазор сомонӣ, 4,9 фоиз;
- хизматрасонии хоҷагии манзил 3011,5 ҳазор сомонӣ, 0,2 фоиз;
- хизмати коммуналӣ 16821,3 ҳазор сомонӣ, 0,8 фоиз;
- хизмати ҳуқуқӣ 24948,2 ҳазор сомонӣ, 1,2 фоиз;
- муассисаҳои бонкӣ 130410,7 ҳазор сомонӣ, 6,3 фоиз;
- дигар хизматҳо 100898,3 ҳазор сомонӣ, 4,9 фоизро ташкил медиҳад.

Корхонаҳои расмӣ ба қайд гирифташуда ҳаҷми хизматрасонии пулакиро нисбат ба соли 2018 кам кардаанд. Вазорати энергетика ва захираиҳо об (14,4 фисад), Бонкҳои «Содиротбонк» (82,8 фисад), «Агроинвестбонк» (21,8 фисад), дигар бонкҳои тиҷоратӣ (1,5 фисад), «Тоҷиктелеком» (3,6 фисад), Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» (76,6 фисад), Фермери ҶТ (100,0 фисад), ва «Дигар фондҳо» (4,7 фисад-ро ташкил медиҳад.

Ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакиро 9,9 млн.сомонӣ) таъмин кардаанд.

Нишондиҳандаи баланди афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Левакант 150,0% (+12,0 млн. сомонӣ), Данғара 116,0% (+15,0 млн. сомонӣ), Ховалинг 113,9% (+3,3 млн. сомонӣ), Ҷайҳун 115,4% (+117,4 млн. сомонӣ), Вахш 113,1% (+10,2 млн. сомонӣ), Дӯстӣ 112,9% (+5,8 млн. сомонӣ), Хуросон 112,3% (+5,5 млн. сомонӣ), Бохтар 112,2% (+28,2 млн. сомонӣ), Кӯшониён 111,0% (+9,9 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ 112,3% (+9,0 млн. сомонӣ), Ёвон 112,3% (+15,7 млн. сомонӣ), Шаҳритус 110,9% (+7,8 млн. сомонӣ), Темурмалик 111,6% (+3,6 млн. сомонӣ), Панҷ 111,3% (+5,2 млн. сомонӣ), Ш.Шоҳин 112,0% (+3,2 млн. сомонӣ), Фархор 112,4% (+8,0 млн. сомонӣ), ва Балҷувон 112,6% (+1,5 млн. сомонӣ таъмин карда шуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо таъсири мусбӣ расонидааast.

Дар соли 2019 бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 1040,0 миллион сомонӣ қарзҳои бонкӣ равона намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018-ум 279,5 миллион сомонӣ ё ин ки 36,7 фоиз зиёд мебошад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ, беҳтар намудани сатҳу

сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва дастрасии аҳолӣ бо қарзҳои бонкӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳо оид бараванди арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо дар 3,6 ва 9 моҳи соли 2019 маълумот пешниҳод намудааст.

## 22. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо, 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), 22.3(22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 22.4 (22.5) Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 22.1.Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Аз тарафи Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2019 дар миқёси вилоят дар ҳамаи самтҳо 4654 (2018–4801) ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 147 ҷиноят кам шудааст.

Кушодашавии ҷиноятҳо дар соли 2019 – 4148 (2018–4283) ададро ташкил дода, кушодашавии онҳо 89,3 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта 1,9 фоиз кам шудааст.

Зиёдшавии ҷиноятҳо дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар +91 (430), Норак +12 (161), Левакант +35 (112), Абдураҳмони Ҷомӣ +15 (158), Кӯшониён +34 (276), Вахш +27 (245), Қубодиён +5 (188), Шаҳритус +40 (251), Носири Хусрав +19 (98), Темурмалик +42 (125), Ховалинг +24 (97), Дӯстӣ +15 (142) нисбат ба соли 2018 ба қайд гирифта шудааст, ки барои пешгирии тамоюли зиёдшавии он тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ карда шавад.

### 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)

Дар соли 2019 шумораи ҳолатҳои худкушӣ (суиқасд), аз ҷумла аз ҳисоби занон 67 (-5 адад нисбат ба соли гузашта кам) ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин ҳисоб худкушӣ 35 адад ва суиқасд ба ҷон 32 ададро ташкил додааст. Худкушӣ аз ҳисоби ҷавонон бошад, 42 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли гузашта -17 кам гардиааст. Аз шумораи умумии худкушии аз тарафи ҷавонон содиршуда (42 адад) худкуши 36 адад ва суиқаст ба ҷон 6 ададро ташкил додааст.

Баҳри пешбурди корҳои тарбиявӣ дар байни ҷавонон ва занон дар самти таблиғи арзишҳои миллӣ, зиндагии дунявӣ, аз байн бурдани тамоюли бегонапарастӣ, тақлид ба фарҳанг ва либоспӯшии ғайр, гирифтани пеши роҳи шомилшавии онҳо ба ҳаракату созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ гурӯҳҳои кории мақсаднок бо усулҳои «Хона ба хона» дар шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби занони фаъолу собиқадор, равоншинос, ҳуқуқшинос, табибон, вакилони Маҷлиси вакилони халқи

вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ходимони дин таъсис дода шуда, дар соли 2019 маҳал корҳои фаҳмондадиҳии инфиродӣ гузаронида шудааст.

Бинобар ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва ин шаҳру ноҳияҳо ҳамкориро оид ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, бо сохторҳои қудратӣ, ҷомеаи шаҳрванди зичтар намуда, барои бартараф намудани сабабҳои иҷтимоию иқтисодии он тадбирҳои зарурииро пешбинӣ намоянд.

**22.3 (22.3, 22.4, 22,5) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо**

Дар соли 2019 дар маълумотҳои вилоят нисбати шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон дар миқёси вилоят содир карда шудааст, маълумот пешниҳод нагардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рафти иҷрои корҳои таблиғотӣ ҷиҳати пешгирии экстремизм ва терроризм, бахусус пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои тундраву бегона дар ҷаласаи Шӯрои вилоятии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар назди раиси вилояти Хатлон натиҷагирӣ карда шуда, дар ин самт ба аъзои Шӯрои мазкур дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад. Бо мақсади пешгирии ҷавонону наврасон аз даст задан ба амалҳои номатлуб, шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, корхонаву ташкилотҳо ва маҳалли зисти ноболиғону ҷавонон дар соли 2019-ум 5412 адад мулоқоту вохӯриҳо, семинару машваратҳо, мизи мудаввар, суҳбат, баромад, барномаҳои алоҳида, намоишу мақолаҳо тавассути воситаҳои ахбори оммаи сатҳи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ташкил карда шуданд.

Бо дарназардошти хавфнокии ҷиноятҳои самти экстремистӣ ва террористӣ фаъолияти ситодҳои амалкунандаи вилояти ҷоннок гардида, ҳамагӣ мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ 235 ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта ошкор ва аз рӯи ин ҳолатҳо, нисбати 246 нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Тибқи маълумотҳои расмӣ то 10 декабри соли 2019, 1577 нафар сокинони вилоят дар давлатҳои хориҷӣ ба таҳсили динӣ фаро гирифта шудаанд, ки 1482 нафари онҳо ба ҷойҳои зисти доимии худ баргардонида шуда, ҳоло дар хориҷи кишвар 95 толибилмон қарор доранд, ки аз ин нисбати 54 нафар бинобар ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил гардиданд, парвандаҳои ҷиноятӣ боз карда шуда, дар кофтуков қарор доранд.

Баҳри баргардонидани онҳо чораҳои зарурӣ андешида, ба волидони онҳо огоҳиномаи расмӣ супорида шуда, ба ин васила 22-нафар ба Ватан баргардонида шуданд.

Маълумотҳо доир ба ҳолатҳои ҷинояткорӣ дар мувофиқа бо маълумотҳои Прокуратураи вилоят, Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Аз шумораи умумии ҷиноятҳои аз тарафи ҷавонон содиршуда 99 адад ба ноҳияи Шаҳритус, 64 адад ба ноҳияи Дӯстӣ, 59 адад ба ноҳияи Хуросон, 56 адад ба ноҳияи Ёвон, 51 адад ба шаҳри Норак, 61 адад ба ноҳияи Кӯшониён, 45 адад ба шаҳри Бохтар, 41 адад ба ноҳияи Ҷайҳун, 42 адад ба ноҳияи Қубодиён, 13 адади ба ноҳияи Муъминобод, 18 адад ба шаҳри Ховалинг, 56 адад ба ноҳияи Вахш, 6 адад ба ноҳияи Фархор, 18 адад ба ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва 15 адад ба ноҳияи Балҷувон рост меоянд.

Нисбати ҷиноятҳои аз тарафи ҷавонон содиршуда, шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Левакант, Панҷ, Восеъ, Данғара, Ҳамадонӣ, Ш.Шоҳин, Ҷ.Балхӣ, Темурмалик, ва Носири Хусрав маълумот пешниҳод накардаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҳамкориро оид ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, бо сохторҳои қудратӣ, ҷомеаи шаҳрванди зичтар намуда, барои бартараф намудани сабабҳои иҷтимоию иқтисодии он тадбирҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

Оид ба вазъи ҷинояткорӣ ноҳияи Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ умуман маълумот пешниҳод накардааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят пурзур намоянд.

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳисоботҳои 3 моҳа ва 9 моҳаи соли 2019 мунтазам маълумот пешниҳод намудааст. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои анҷомдода дар 6 – 9 моҳи соли 2019 ахборот пешниҳод намудааст.

**23. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: 23.1. Маълумот оид ба натиҷаи сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, рафти иҷрои дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳое, ки ҳангоми сафари корӣ тасдиқ гардида, иҷроишашон дар соли 2019 (солҳои ) муайян шудаанд. 23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.**

Дар соли 2018 ва нуҳ моҳи соли 2019 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 6 маротиба сафари корӣ анҷом дода шудааст ва дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафарҳо баёнгардида нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ таҳия гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ тасдиқ ва ба масъулин барои иҷро дастрас гардидааст.

1. Зимни сафари кории санаҳои 1-2 июни соли 2018 Сарвари давлат ба ноҳияҳои Темурмалик ва Данғараи вилояти Хатлон ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншоотҳои ҷашнии таъйиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзиданд. Дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафар баёнгардида нақшаи чорабиниҳо иборат аз 37 банд аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст ва аз рафти иҷрои он тибқи тартиби муқарраргардида маълумот пешниҳод гардида истодааст.

**Банди 13.** Дар асоси қарори раиси вилояти Хатлон аз 19 апрели соли 2019 №111 «Дар бораи саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020», қарори раиси шаҳр аз 15 майи соли 2018, №206 қабул гардида, мувофиқи нақшаи чорабиниҳои он иҷрои омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020 ва захираи ҳамаи намуди сӯзишвориҳо, таҷҳизотҳои барқии гармидиҳанда, маводҳои зиддилағжиш ва захираи маводҳои ғизоӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр Ситоди шаҳрӣ дар ҳайати 22 нафар бо роҳбарии муовини якум ва муовинони раиси шаҳр таъсис дода шудааст.

Бо мақсади фаровон намудани бозори истеъмолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷониби маъмурияти бозорҳо ва соҳибкорон дар ин давра 460 тонна картошка, 320 тонна пиёз, 150 тонна сабзӣ, 850 тонна орд, 220 тонна равған ва 440 тонна дигар сабзавотҳо захира шуда, инчунин дар шаҳр 22 нуқтаи фурӯши ангишт, 30 нуқтаи фурӯши гази моеъ ва 11 нуқтаи фурӯши ҳезум фаъолият доранд .

**Банди 36.** Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳр омухтани забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Дар баробари он дар шаҳр 11 адад ташкилотҳои ғайридавлатию хусусӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

2. Ҳангоми сафари корӣ ба ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон санаи 6 сентябри соли 2018 аз ҷониби Пешвои миллат ба масъулон ҷиҳати таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ноҳия дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, дар асоси ин супоришҳо нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 23 банд ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулон барои иҷро ирсол карда шудааст ва аз рафти иҷрои он тибқи тартиби муқарраргардида маълумот пешниҳод гардида истодааст.

3. Дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 21 банд, ки бо назардошти дастуру супоришҳои аз ҷониби Сарвари давлат зимни сафари сеюм ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 5 ноябри соли 2018

баёнгардиданд, нақшаи чорбиниҳои вилоятӣ омода ва барои иҷро ба масъулон дастрас карда шудааст.

4. Ҳангоми сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Норак, Кушониён, Бохтар ва Вахши вилояти Хатлон аз 20 то 23 марти соли 2019 нақшаи чорабиниҳо иборат аз иборат аз 19 банд ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст ва аз рафти иҷрои он тибқи тартиби муқарраргардида маълумот пешниҳод гардида истодааст.

5. Ҳангоми сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 23 - 24 майи соли 2019 нақшаи чорабиниҳо иборат аз 46 банд ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст ва аз рафти иҷрои он тибқи тартиби муқарраргардида маълумот пешниҳод гардида истодааст.

6. Ҳангоми сафари корӣ ба ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинги вилояти Хатлон аз 5 то 8 августи соли 2019 нақшаи чорабиниҳо иборат аз иборат аз 72 банд ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст ва аз рафти иҷрои он тибқи тартиби муқарраргардида маълумот пешниҳод гардида истодааст.

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба рафти иҷрои Нақша-чорабиниҳо дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми сафарҳои корӣ баён доштанд маълумот пешниҳод нагардидааст.

**Пешниҳод:** Бо мақсади таъмини сифатноки Нақша – чорабиниҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақша чорабинӣ дар соли 2019 пешбинӣ гардидааст ва таъмини иҷрои супоришҳоро, ки муҳлати иҷроишашон ба таъхир гузошта шудааст, чораҳои зарурӣ андешанд.

**23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.**

Рафти иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали 2018, №324/10-50 оид ба ислоҳи пурраи камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сафарҳои корӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян гардиданд, чунин мебошад.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бандҳои камбудҳои ошкор гардида 21 ададро ташкил карда то ин давра 4 банди он, бандҳои 3, 4, 7, ва 9 ислоҳ нагардидаанд:

**Банди 3.** *Дастури Президенти кишвар ҷиҳати таҷдиди гармхонаҳои шаҳри Норак ва ба Ангишт гузаронидани гармидиҳӣ.*

Гузаронидани майдонҳои кишти гармхонаҳои шаҳри Норак бо гармидиҳии ангиштӣ сол ба сол зиёд гардида, кмбудии ошкоргардида тадриҷан роҳи ҳалли худро ёфта истодааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Норак супориши мазкурро дар мадди назар гузошта барои иҷрои он чораҳои амалӣ андешанд.

**Банди 4.** *Дар ноҳияи Темурмалик аҳолӣ аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ доранд.*

Дар ноҳияи лоиҳаҳои бо об таъминкунии аҳолӣ тартиб дода шудаанд ва норасоӣ ва танқисӣ аз оби нушокӣ ҳали худро марҳила ба марҳила ёфта истодааст.

Сохта ба истифода додани бинои чойхонаи замонавӣ дар боғи Дустии деҳоти Қарақамиш ҳали худро ёфтааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик дар ҳамкорӣ бо Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ " ҷиҳати иҷрои масъалаи мазкур чораандешӣ намоянд.

**Банди 7.** *Дар шаҳри Леваканд муассисаи томактабӣ барои 280 нафар бинобар ёфт нашудани талабгор дар байни аҳолӣ фаъолият намекунад.*

Масъулини соҳа, муассисону масъулони боғчаҳои мазкур бо сокинон ва падару модарон корҳои тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ бурда истодаанд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Леваканд ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти онро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби талабгорон ба муассисаи томактабӣ корҳои тарғиботию ташвиқотиро ташкил намуда, шароити мусоидро барои фаъолияти муассисаи томактабӣ фароҳам оваранд.

**Банди 9.** *Дар муассисаҳои таълимию тарбиявии шаҳри Кулоб нарасидани мизу курсӣ ва дар ду се баст таҳсил намудани хонандагон ҷой дорад.*

Аксари камбудиҳои ошкоргардида бартараф гардида, боқӣ давра ба давра бартараф гардида истодаанд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кулоб дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ба ҳамкориҳо тақвият бахшида, бароиислоҳи он чораҷуӣ намоянд.